Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№4 (1205)
Панҷшанбе, 23 январи соли 2020

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

с. 2-4

# Фаъолияти хуби соҳибкорон - гарави муваффақиятҳо

## Корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ

барои фаъолияти хуби соҳибкорон мусоидат менамоянд



### Нозири андози беҳтарин

Арзёбии фаъолияти кормандони мақомоти андоз

с. 5

НАЗАРПУРСӢ

### Натиҷа аз пурсишномаи назорати камералӣ

Тадбир баҳри беҳтар намудани сифати корҳои назоратӣ бо андозсупорандагон

с. 7

ПУРСИШ ВА ПОСУХ

Ба саволҳои андозсупорандагон мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон посух мегӯянд

с. 8

### Афзоиши шумораи коргарони кироя ва музди меҳнати онҳо

Пешгирӣ кардани ҳолатҳои қонунвайронкунии андозсупорандагон

с. 10

НИЗОМҲОИ АНДОЗБАНДӢ

### Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ

Омӯзиши ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда

с. 13

ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, нархи обунаи яксолаашро 65 сомонӣ муқаррар намудааст, ки нисбат ба нархи обунаи аксар рӯзномаҳои кишвар арзонтар аст.



**Суроғаи мо:** ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе. **Телефон:** 44-600-41-76

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ЧТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе.

# Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**20 январи соли 2020 дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои олии таълимӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок карданд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2019 натиҷагирӣ ва вазифаҳои асосӣ барои соли 2020 муайян карда шуд.

Аъзои Ҳукумат, аз ҷумла вазъи воқеии иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, иҷрои стратегияву барномаҳо ва нақшаҳои қабулшуда ва дастуру супоришҳое, ки аз тарафи Сарвари давлат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ, дар ҷаласаҳои Ҳукумат ва дар ҷараёни сафарҳои корӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат гузошта шудаанд, инчунин, камбудиву норасоиҳо ва мушкилоту масъалаҳои дар соҳаҳои мухталиф ҷойдошта ва роҳҳои ҳалли онҳоро мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кори маҷлисро оғоз бахшида, таъкид намуданд, ки соли 2019, дар маҷмӯъ барои мардуми тоҷик соли бобарору таърихӣ ба ҳисоб рафта, бо ҷаҳду талошҳои сокинони мамлакат бо натиҷаҳои назаррас ҷамъбаст гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи татбиқи ташаббусҳои созандаи Ҳукумати мамлакат дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии кишвар як қатор рӯйдодҳои муҳими таърихӣ ба амал омаданд, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар қадамҳои устувор мегузоранд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2019 ҳисоботи Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода шунида шуд.

Тавре таъкид гардид, бо вуҷуди вазъи мураккаби иқтисодиёти ҷаҳон ва минтақа, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои Ҳукумати Тоҷикистон таҳти роҳбарии бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи саривақтии ҳуҷҷатҳои стратегӣ дар соли 2019 рушди иқтисоди кишвар дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуд. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 77, 3 млрд. сомонӣ баробар гардида, суръати рушд 7,7 фоизро ташкил дод.

Афзоиши як қатор нишондиҳандаҳо, асосан, аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба андозаи 13,6 фоиз, кишоварзӣ 7,1, гардиши савдои дохилӣ 9, мусофиркашонӣ 10,9, хизматрасониҳои пулакӣ 2,9 ва боркашонӣ 1,1 фоиз таъмин гардид. Дар соли ҳисоботӣ сатҳи таваррум 8 фоизро ташкил намуд.

Сарвазири мамлакат таъкид доштанд, ки бо мақсади самаранок ва оқилона истифода намудани захираву имкониятҳои мавҷуда ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ соли 2019, инчунин ҷиҳати таъмини иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати кишвар дар соли ҳисоботӣ 219 корхонаю коргоҳҳои нави саноатӣ бо таъсиси 3 ҳазор ҷойи нави корӣ ба истифода дода шуд.

Соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 27,6 млрд. сомонӣ баробар гашта, суръати рушди он 13,6 фоизро ташкил намуд.

Дар ин давра аз 249 намуд муҳимтарин маҳсулоти саноатии дар кишвар истеҳсолшаванда афзоиши ҳаҷми истеҳсоли 159 намуд нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, 27 номгӯйи молҳое, ки дар ҳамин давраи соли гузашта истеҳсол нагардида буданд, истеҳсолашон ба роҳ монда шуд.

Дар баробари ин ҳаҷми истеҳсоли 59 номгӯйи молҳои саноатӣ нисбат ба соли 2018 коҳиш ёфта, 4 намуди мол умуман истеҳсол нагардид.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар қатори пешравиҳои соҳа камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд.

Натиҷаҳои бадастомада ҳоло ҳам қонеъкунанда набуда, дар ин давра дар ҳудуди кишвар аз 2 ҳазору 164 корхонаи саноатӣ бо сабабҳои гуногун 149 корхонаи саноатӣ аз фаъолият бозмонда, 128 корхонаи дигар ҳисоботи сифрӣ пешниҳод намудаанд.

Итминон аст, ки дар заминаи тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои дахлдори сармоягузорӣ иқтидорҳои истеҳсолӣ барқарор мегарданд.

Сарвари давлат ба Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода, муовини якуми Сарвазир Давлаталӣ Саид ва муовинони Сарвазир Азим Иброҳим ва Маҳмадтоир Зокирзода ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, ки аз таҳлилу ҷамъбасти воқеии соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2019 бармеояд, супоришҳои мушаххас доданд.

Дастурҳо, ҳамчунин, вобаста ба вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди кишвар, таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва тақвияти фаъолияти муназзами ҳамаи соҳаҳо, иҷрои саривақтии нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, таҳти назорати қатъӣ гирифтани ҳадафҳои стратегӣ ва самтҳои афзалиятноки муайянгардида, иҷрои консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ дода шуд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки барои амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ — саноатикунонии босуръати кишвар дар самти ҳавасманд намудани сармоягузорӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ, барои баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии маҳсулот, афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатии мамлакат, тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар кори маҷлиси Ҳукумати мамлакат ҳисоботи вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода ва сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода шунида шуд.

Зимни ҳисоботи вазири молия таъкид гардид, ки соли 2019 нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ таъмин нагардида, воридоти маблағҳо 23,2 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 79,5 млн. сомонӣ кам мебошад.

Аз ҳисоби даромадҳои дохилӣ ба буҷети давлатӣ тавассути Кумитаи андоз 11 млрд. сомонӣ ва аз ҳисоби воридоти пардохтҳои гумрукӣ 5,5 млрд. сомонӣ ворид гардид, ки мутаносибан ба 95,1 ва 107,1 фоизи нақша баробар аст.

Ба қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ 122 млн.сомонӣ кам маблағ ворид гардид.

Ҳамчунин, сифати қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби 3 намуди андоз, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда таъмин карда нашуд.

Дар натиҷаи пурра ва дуруст ба инобат гирифта нашудани имкониятҳо ва иқтидорҳои мавҷуда, махсусан, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудани низоми банақшагирӣ ва буҷетикунонӣ 9 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ уҳдадориҳои андозии худро дар назди буҷет таъмин карда натавонистанд.

Ба ҳолати 1 январи соли ҷорӣ бақияи карзи андоз 581 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба аввали соли 2019-ум 144 млн. сомонӣ кам гардид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба масъалаи иҷро нагардидани 3 намуди андоз ва аз ин ҳисоб ба буҷет ворид нагардидани 852 миллион сомонӣ андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро аз ҷониби Ҳукумати кишвар таъкид карданд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Бонки миллӣ Ҷамшед Нурмуҳаммадзода ва раиси Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон “Амонатбонк” Икромӣ Сироҷиддин доир ба соҳаи бонкдорӣ ва сиёсати самараноки пулию қарзӣ ҳисобот доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили вазъи соҳа таъкид доштанд, ки дар натиҷаи бад шудани нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои алоҳида, паст гардидани пардохтпазирии ташкилотҳои қарздиҳанда ва афзоиш ёфтани хавфҳои қарзӣ раванди фаъолияти қарздиҳӣ дар кишвар коҳиш ёфтааст.

Аз ин рӯ Сарвари давлат таъкид доштанд, ки Бонки миллӣ ҷиҳати ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, беҳтар гардонидани сифат ва ҷорӣ кардани хизматрасониҳои нав чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Сипас, ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Дилмурод Давлатзода оид ба натиҷаҳои фаъолияти соҳа дар соли 2019 ҳисобот дод.

Сарвари давлат барои аз байн бурдани мушкилот дар самти хизматрасонии соҳаи иҷтимоӣ, иҷрои минбаъдаи нақшаи суғуртавӣ, таҳияи системаи муайяни таъини нафақа ба шахсони маъюб ва ба ҳисобгирии шахсони фавтида, инчунин назорати маблағҳои суғуртавӣ ба роҳбарияти Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дастурҳои мушаххас доданд.

Дар кори маҷлиси васеи Ҳукумат ҳисоботи вазири энергетика ва захираҳои об Усмоналӣ Усмонзода ва раиси Ширкати холдингии кушодаи “Барқи тоҷик” Мирзо Исмоилзода шунида шуд.

Навобаста аз пешравии кор дар соҳа қарздории ширкат, истифодаи ғайримақсадноки

неруи барқ, ҷамъоварии нокифояи пардохти ҳаққи истифодаи он ва талафоти барқ аз камбудиҳои асосии соҳа номида шуд.

Дастур дода шуд, ки барои таъмини ҷумҳурӣ бо неруи барқ, содироти он, коҳиш додани талафоти барқ ва ҷорӣ кардани технологияи нави пардохти ҳаққи истифодаи неруи барқ, чораҳои мушаххас андешида шавад.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон директори генералии Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи барқи обии “Роғун” Хайрулло Сафарзода оид ба рафти корҳои сохтмонӣ дар иншооти муҳими аср ҳисобот дод.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии кушодаи Неругоҳи барқи обии “Роғун” барои иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва дар муҳлатҳои муайяншуда ба истифода додани Неругоҳи барқи обии “Роғун” супоришҳои қатъӣ доданд.

Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Султонзода ва раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарахон Чиллазода оид ба фаъолияти соҳа, вазъи ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии характери коррупсионидошта ва ҳаҷми зарари аз ин ҷиноятҳо расида, натиҷаи санҷишҳо, муайян кардани зарарҳои молиявӣ, барқарор намудани маблағҳо ба буҷети давлатӣ, ҳисобот доданд.

Зикр гардид, ки соли гузашта дар фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва сохтору субъектҳои хоҷагидории давлатӣ аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1102 ва аз тарафи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон 308 тафтишу санҷиши молиявӣ гузаронида шуд.

Аз маблағи умумии беш аз 918 миллион сомонии зарари молиявии аз ҷониби ҳар ду сохтор муайянкардашуда, 360,5 миллион сомонӣ ба буҷети давлат ва ба суратҳисоби корхонаву муассисаҳо барқарор гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони вазорату идораҳо, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва дигар мақомоти дахлдори давлатиро вазифадор карданд, ки дар самти истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, пешгирӣ намудан ва тақвият бахшидан ба мубориза бо ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ, махсусан, дар соҳаи молия ҷораҳои қатъӣ андешанд.

# Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон



Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти соҳаҳо, волоияти қонун, таъмини амнияти давлату миллат, тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҷиноятҳо ва дигар қонунвайронкуниҳо ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон, Вазири корҳои дохилӣ Рамазон Раҳимзода ва раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ Саймумин Ятимов шунида шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми назарраси ин сохторҳоро дар таъмини амнияти давлату миллат ва пешгирии ҷинояткорӣ махсус таъкид карданд.

Дастур дода шуд, ки бо дарназардошти вазъи мураккаби имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри волоияти қонун, муайяну ошкор кардани ҷиноятҳо, пешгирии шомилшавии шаҳрвандон ба ҳар гуна гурӯҳҳо созмонҳои ифротгаро корҳо тақвият бахшида шавад.

Дар кори маҷлиси васеи Ҳукумат, ҳамчунин, ҳисоботи вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин шунида шуд.

Сарвари давлат дастур доданд, ки барои дар сатҳи баланди ташкилӣ доир кардани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, ки солҳои 2020 ва 2021 дар қаламрави кишвар баргузор мегарданд, аз ҳозир тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Барои интихоб, тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони сафоратҳо ва консулгариҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва дар маҷмӯъ татбиқи сиёсати хориҷии Роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат ва назорати иҷрои дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои мушаххас дода шуд.

Оид ба фаъолияти соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ҳисоботи вазири саноат ва технологияҳои нав Заробиддин Файзуллозода ва вазири кишоварзӣ Иззат Сатторӣ шунида шуд.

Президенти мамлакат барои афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда ба роҳбарони вазоратҳои номбурда ва раисони шаҳру ноҳияҳои мамлакат супоришҳои мушаххас доданд.

Дар идомаи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба натиҷаҳои кори соҳаи нақлиёти мамлакат, фурудгоҳи байналмилалӣ ва роҳи оҳан ҳисоботи вазири нақлиёт Худоёрбек Худоёрзода, директори Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” Исматулло Абдуллозода, директори Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тоҷик Эйр” Дилшод Исматуллозода ва сардори Корхонаи воҳиди давлатии “Роҳи оҳани Тоҷикистон” Комил Мирзоалӣ шунида шуд.

Тавре таъкид гардид, имрӯзҳо дар соҳаи нақлиёт 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии беш аз 8,5 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Соли 2020 лоиҳаҳои таҷдид ва бунёди қитъаи Обигарм-Нурободи шоҳроҳи Ваҳдат-Қарамиқ (яъне Лахш) ба маблағи 3,5 миллиард сомонӣ, Қалъаихумб — Ванҷ бо арзиши лоиҳавии 2,2 миллиард сомонӣ, Ҳулбук — Темурмалик ба маблағи 200 миллион сомонӣ ва дигар лоиҳаҳо оғоз меёбанд.

Ҳоло таҷдиду сохтмони роҳҳои мошингарди Душанбе — Бохтар, Хуҷанд — Исфара, Кӯлоб — Шамсиддин Шоҳин, Шкев — Қалъаихумб, Кӯлоб — Муъминобод ба маблағи беш аз 4 миллиард сомонӣ идома дошта, роҳҳои зикршуда то ҷашни 30 — солагии Истиқлолияти давлатӣ ба истифода дода мешаванд.

Сарвари давлат аз масъулони соҳаҳои номбаршуда, беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, таъмини муназзами ҳаракат дар роҳҳои кишвар, боло бардоштани ҳаҷми боркашонию мусофиркашонӣ, бо истифода аз имконоти ширкатҳои ватанӣ афзун намудани шумораи хатсайрҳои ҳавоиро талаб карданд.

Сипас вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Насим Олимзода, вазири маориф ва илм Нуриддин Саид, Президенти академияи илмҳо Фарҳод Раҳимӣ, вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсиддин Орумбекзода аз натиҷаҳои фаъолияти кормандони ин соҳаҳо ҳисобот доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони вазорату идораҳои номбурда баҳри татбиқи амалии дастуру супоришҳои дар Паёми Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироагардида вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Ба раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Фаррух Ҳамрализода дастур дода шуд, ки дар доираи 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби бештари ҷалби сармояи хориҷӣ ва татбиқи амалии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ чораҳои бетаъхир андешад.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ Нуъмон Абдуғаффорзода, раиси Кумитаи сохтмон ва меъморӣ Ҷамшед Аҳмадзода, раиси Кумитаи телевизион ва радио Маҳмадсаид Шоҳиён, роҳбарони шабакаҳои телевизионӣ, раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо Сулаймон Давлатзода, раиси Шӯрои уламо Саидмукаррам Абдуқодирзода, директори Корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” Ҷамшед Табарзода, сардори Саридораи геология Илҳомҷон Султон, сардори Хадамоти алоқа Бег Сабур, директори Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ Холмурод Раҳмон, директори Агентии омор Гулнора Ҳасанзода, директори Агентии содирот Шавкат Бобозода аз натиҷаҳои фаъолияти ин соҳаҳо дар соли 2019 ҳисобот доданд.

Сипас, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти шаҳрдорӣ дар соли ҳисоботии 2019 гузориш дод.

Тавре тазаккур дода шуд, соли 2019 буҷети шаҳр дар ҳаҷми 3,1 миллиард сомонӣ ё 100 фоиз иҷро гардид, ки ин нисбат ба нақша 800 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Қисми даромади буҷети шаҳр аз рӯи воридоти андозу пардохтҳои ҳатмӣ 103 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 1,9 миллиард сомонӣ маблағ ворид шуд, ки ин аз нақша 54 миллион сомонӣ зиёд аст.

Дар се соли охир ба иқтисодиёти шаҳр 850 миллион доллари амрикоӣ сармоя ҷалб гардидааст, ки 180 миллиони он ба соли 2019 рост меояд.

Дар ин давра ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳр ба 15 миллиард сомонӣ расида, суръати афзоиши он нисбат ба соли гузашта 7,2 фоиз зиёд ва ҳиссаи он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 20 фоиз баробар гардид.

Умуман, дар ин давра 62 корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ бо таъсиси беш аз 800 ҷойи корӣ ба фаъолият оғоз карданд, ки нисбат ба соли 2018 мутаносибан 40 корхона ва 650 ҷойи корӣ зиёд мебошад.

Соли 2019-ум 38 километр хатҳои гармигузар ба маблағи 62 миллион сомонӣ азнавсозӣ карда шуданд, ки дар муқоиса бо соли 2016-ум 4 баробар зиёд аст.

Дар се соли охир 160 километр шабакаҳои гармидиҳӣ ё 320 километр қубурҳои гармигузар ба маблағи 173 миллион сомонӣ азнавсозӣ гардиданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо изҳори қаноатмандӣ аз дастовардҳои рушди кулли соҳаҳои пойтахти мамлакат ба роҳбарияти шаҳри Душанбе ҷиҳати дар сатҳи баланд ба роҳ мондани корҳои ободонию созандагӣ ба ифтихори 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахусус бунёди маҷмааи “Истиқлолият ва озодӣ”, ки дар ҳудуди 30 гектар ба нақша гирифта шудааст, дастуру ҳидоятҳо доданд.

Дар гузориши раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода тазаккур дода шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ нақшаи даромади буҷети давлатӣ (бе дарназардошти андози иҷтимоӣ)

(Давомаш дар саҳ.4)

# Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба андозаи 100,7 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 2 миллиарду 420,2 миллион сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи тасдиқгардида (2 миллиарду 404,3 миллион сомонӣ) 15,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра ба буҷети маҳаллии вилояти Суғд ба ҷойи 1 миллиарду 887,4 миллион сомонии дар нақша пешбинигардида 1 миллиарду 924,6 миллион сомонӣ ворид гардид, ки аз нақша 37,26 миллион сомонӣ зиёд аст.

Дар соли 2019 ба соҳаи маориф 867,4 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ равона карда шудааст, ки нисбати соли қаблӣ 84,3 миллион сомонӣ ё 10,8 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра 37 иншооти соҳаи маориф бо 4 ҳазору 761 ҷойи нишаст бунёд гардид.

Ба соҳаи нигаҳдории тандурустӣ 451,5 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ равона карда шудааст, ки нисбати соли қаблӣ 66,9 миллион сомонӣ ё 17,4 фоиз зиёд мебошад.

Соли равон дар вилояти Суғд, дар маҷмӯъ, 121 иншооти варзишӣ, аз ҷумла 18 толори варзишӣ, 101 майдончаи варзишӣ ва 2 ҳавзи шиноварӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Сарвари давлат ба раисони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бахри боз ҳам афзун гардонидани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, бунёди корхонаҳои нав, таъсиси ҷойҳои кории ҳар порча замин супоришҳои мушаххас доданд.

Зимни ҳисобот Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода изҳор дошт, ки иҷрои нақшаи андозҳо бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷети 100,1 фоиз таъмин гардида, ба буҷети вилояти Хатлон 1 миллиарду 467 миллион сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбати нақша 2,1 миллион сомонӣ ва дар муқоиса бо соли 2018-ум 180 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар вилоят соли гузашта қариб 54 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд, ки 104 фоизи нақшаро ташкил мекунад.

Гардиши савдо дар вилоят ба 6 миллиарду 658 миллион сомонӣ ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 2 миллиарду 63 миллион сомонӣ баробар шуд.

Дар вилояти Хатлон 30 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи беш аз 4,5 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раиси вилояти Хатлон ва раисони шаҳру ноҳияҳои он дастур дод, ки дар соли 2020 бо истифодаи сарчашмаҳои мавҷуда истеҳсоли маҳсулоти ватаниро афзун намуда, ҷиҳати ҳарчи бештар содирот намудани маҳсулоти кишоварзӣ чораандешӣ намоянд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Ёдгор Файзов аз номи сокинони вилоят ба Сарвари давлат барои ғамхориҳои пайваста ва тадбирҳои ҳамаҷонибаи ободонию созандагӣ, бунёди роҳҳои байналмилалӣ, сохтмони мактабу муассисаҳои тандурустӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоиди рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят изҳори сипос кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки барои рушди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ карда мешавад.

Тавре таъкид гардид, имрӯз корҳо барои оғози бунёди Нерӯгоҳи барқи обии "Себзор" дар ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон босуръат идома доранд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони вазорату идораҳои ҷумҳуриявиро мувазззаф кард, ки бо мақсади дар сатҳи баланд анҷом додани лоиҳаҳои сохтмонӣ ва рушди саноати кӯҳӣ дар ҳама шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон чораҳои мушаххас андешанд.

Аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони тамоми сохторҳои давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо муваззаф гардиданд, ки барои дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида, тамоми имкониятҳои мавҷударо истифода намуда, барои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар охири кори ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо натиҷагирӣ аз фаъолияти тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба аъзои Ҳукумат, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вазорату идораҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар мақомоти давлатӣ барои рафъи камбудиҳои мавҷуда, иҷрои нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи нақша-чорбиниҳои таъминкунандаи пешрафту тараққиёти тамоми соҳаҳои муҳими ҷумҳурӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода, дар ҳузури иштирокчиёни ҷаласа суханронӣ намуданд.

Ҳукумати мамлакат вазифадор карда шуд, ки соли 2020 тавассути иҷрои босифати нақшаҳои тархрезишуда маҷмӯи маҳсулоти дохилиро дар ҳаҷми 87,4 миллиард сомонӣ, суръати афзоиши онро дар сатҳи 7,8 фоиз ва қисми даромади буҷетро дар ҳаҷми 26 миллиард сомонӣ таъмин намояд.

Ба роҳбарони мақомоту идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода шуд, ки имкониятҳои захираҳои мавҷударо барои иҷрои босифати барномаҳои қабулшуда самаранок истифода карда, ҷиҳати кам намудани вобастагии иқтисодиёти кишвар аз омилҳои берунӣ, тезонидани ҷараёни диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, зиёд намудани ҳаҷми сармоягузорӣ, ҳавасманд намудани истеҳсолот дар самти коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ ва ба ин васила вусъат бахшидани саноатикунонии мамлакат чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Ҷиҳати иҷрои сифатноку ҳатмии нақшаи даромади буҷет дар соли 2020, пешбинии манбаъҳои воқеии андозбандӣ, иҷрои босифати нақшаи воридоти андозҳо дар маҳалҳо ва муайян намудани сабабҳои иҷро нагардидани нақшаи баъзе намудҳои андоз, кам кардани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба зиёдшавии онҳо ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Вазорати молия вазифадор карда шуд, ки якҷо бо Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва дигар вазорату идораҳо тибқи супорише, ки дар мулоқот бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук, бонкҳо ва сармоягузорӣ дода шуда буд, ҷиҳати роҳ надодан ба камбудиҳо ва дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ раванди таҳияи Кодекси андозро дар таҳрири нав суръат бахшанд.

Ҳамчунин, роҳбарияти Вазорати молия муваззаф гардид, ки барои баланд бардоштани музди меҳнат ва нафақа аз 1-уми сентябри соли 2020, ки дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ эълон шуд, аз ҳоло тадбирҳои зарурӣ андешад.

Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа вазифадор карда шуд, ки ҷиҳати такмили низоми нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ чораҳои таъхирнопазир андешида, ҳамкориро дар ин самт бо вазоратҳои молия, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо тақвият бахшад.

Ҷиҳати дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва сиёсати пулиу қарзӣ бо истифода аз усулҳои муосир ба таври қатъӣ Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор карда шуд.

Таъкид шуд, ки истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, шаффофияти харочоти буҷет дар ҳамаи зинаҳои идораи давлатӣ, пешгирӣ кардани ҳолатҳои коррупсионӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳо бояд зери назорати доимӣ қарор дошта бошад.

Вобаста ба саноатикунонии босуръати мамлакат, ки қаноаткунанда нест, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати мамлакат ва роҳбарияти вазорату идораҳои дахлдорро барои андешидани тадбирҳои иловагӣ вазифадор намуданд.

Вазорати кишоварзӣ муваззаф гардид, ки якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати пешгирии талафёбии маҳсулоти кишоварзӣ, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои коркарди меваю сабзавот ва дар ин замина ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ чораҳои зарурӣ андешад.

Бо дарназардошти эълон шудани бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф зарур шуморида шуд, ки дар ин самт тадбирҳо андешида шуда, мутахассисони ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ омода карда шаванд.

Вазорати фарҳанг вазифадор карда шуд, ки барои таҷдиди сохтор ва таъмиру азнавсозии китобхонаҳо, таъмини онҳо бо китобҳои тозанашр ва таҷҳизоти муосир, маводи тавсиявию методӣ, тарбияи мутахассисони касбӣ, ташкили таҷрибаомӯзӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва ташкили курсҳои кутоҳмуддати омӯзишӣ ва такмили ихтисос чораҷӯӣ намуда, ҷиҳати таъмини иштироки фаъолонаи ҳамаи қишрҳои ҷомеа дар озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ" чораҳои муассир андешад.

Ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода шуд, ки дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, саноат ва технологияҳои нав, кишоварзӣ ва бо ҷалби шарикони рушд лоиҳаи «Нақшаи бисёрсоҳаи беҳбуди вазъи ғизо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2025» – ро таҳия намуда, ба Ҳукумат пешниҳод намояд.

Тавре таъкид гардид, ки дар баробари мусбат ҷамъбаст гардидани соли 2019 ҳанӯз бисёр норасоиву камбудиҳо, аз ҷумла дар сатҳи зарурӣ фаъолият накардани як қатор корхонаҳои истеҳсолӣ, пурра истифода нагардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок, таъмин нагардидани нақшаи ҷамъоварии андозҳо дар баъзе шаҳру ноҳияҳо, дар сатҳи зарурӣ ҷалб накардани сармояи хориҷӣ, таъмин накардани ҳаҷми зарурии қарздиҳӣ ба иқтисодиёт ва дигар камбудиҳо ҷой доранд ва бояд ҳарчи зудтар ислоҳ карда шаванд.

Вобаста ба ин, роҳбарони тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, дигар сохтору мақомоти дахлдор ва кулли хизматчиёни давлатӣ вазифадоранд, ки камбудиву норасоиҳои дар маҷлиси Ҳукумат зикргардидаро дар давоми сол бартараф намоянд, дастуру супоришҳои Паёми Роҳбари давлатро пурра ва босифат амалӣ гардонанд ва аз натиҷаи он ба Ҳукумат ҳисобот диҳанд ва корро дар самтҳои пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди кишвар, таъмини устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ҷалби сармоя, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, беҳтар намудани дастрасии корхонаҳои истеҳсоливу хоҷагиҳои деҳқонӣ ба захираҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, пурзӯр намудани ҳамкориҳои минтақавӣ ва рушди сайёҳӣ ҷоннок намоянд.

Роҳбарони гурӯҳҳои корӣ оид ба амалӣ кардани нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатӣ бояд назорати иҷрои нақшаи чорабиниҳои тасдиқшударо дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақвият бахшида, ҳар семоҳа оид ба вазъи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, бунёди иншооти гуногун, корҳои ободониву кабудизоркунӣ, хусусан, бунёди боғу токзорҳои нав, беҳдошти ҳолати истифодаи замин, захираҳои об, экология ва дигар корҳо ҳисоботи раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро баррасӣ намоянд.

Дар навбати худ, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро дар самти иҷрои саривақтӣ ва сифатноки нақшаи чорабиниҳо вобаста ба ҷашни Истиқлолияти давлатӣ тақвият бахшида, ҳалли масъалаҳои аз ҷониби роҳбарони гурӯҳҳои корӣ гузошташударо вобаста ба корҳои ободониву бунёдкорӣ таъмин намоянд.

# Пешниҳоди чиптаи МНХ ҳатмист!

**Набзи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат имрӯз талаб менамояд, ки дар ҳама ҷабҳаҳои хоҷагии халқ барои рушду инкишофи фаъолияти озодонаи соҳибкории хурду миёна шароити мусоиди корӣ фароҳам оварда шуда, монеаҳои мавҷуда, ки садди роҳи инкишофи босуръати фаъолияти соҳибкорӣ мегарданд, аз байн бардошта шаванд. Соҳибкории хурду миёна, ки яке аз воситаҳои асосии босуръат пеш бурдани иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, барои беҳдошту тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва пурғановат гардондани буҷаи мамлакат метавонад мусоидат намояд.**



Ҳоло дар кишварамон барои соҳибкорон ва сармоягузорон имтиёзҳо ва сабукиҳои зиёди андозӣ муқаррар карда шудаанд. Вале, тавре аз натиҷаҳои корҳои назоратии мақомоти андоз бармеояд, ҳанӯз ҳам баъзе аз андозсупорандагон ба вайрон кардани қонунгузории андоз роҳ медиҳанд. Баъзе соҳибкорону андозсупорандагон муқаррароти қонунгузории андозро ба таври бояду шояд риоя намекунанд. Агар баъзеи онҳо аз надонистани қонунгузории андоз тасодуфан ба қонунвайронкуниҳо даст зананд, қисми дигар дидаю дониста талаботи қонунро нодида гирифта, қонунгузории андозро вайрон мекунанд. Масалан, баъзе андозсупорандагон дар фаъолияти хеш ё аз МНХ умуман истифода намекунанд ё ба харидор чиптаи МНХ-ро намедиҳанд, ки дар ҳарду ҳолат ҳам талаботи қонун дағалона вайрон карда мешавад. Ин ҳолат дар фаъолияти чандин соҳибкори шаҳри Турсунзода ҳангоми гузарондани хариди назоратӣ ошкор шудааст.

Мутобиқи талаботи моддаҳои 38 ва 39 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави ҷумҳурӣ бояд ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо бо пули нақд, кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо бо истифодаи ҳатмии мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ ва додани чеки назоратӣ анҷом дода шаванд. Вале, тавре ба назар мерасад, баъзе андозсупорандагон ин талаботи қонунгузории андозро на ҳамеша риоя мекунанд.

Масалан, соҳибкори инфиродӣ Салоҳиддин Мейликов барои дағалона вайрон намудани талаботи қонунгузории андоз на як бору ду бор аз тарафи кормандони нозироти андози шаҳри Турсунзода огоҳ карда шуда буд. Вале ӯ ҳар маротиба худро ба нодонӣ зада, бо ҳар баҳона аз таъини ҷазо дар канор мемонд. Ниҳоят хариди назоратии дар соли 2019 гузаронидашуда ба найрангбозиҳои ӯ нуқта гузошт. Барои таъмин накардани нигоҳдории ҳуҷҷатҳои вобаста ба истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла лентаҳои назоратӣ ва тартиби вайрон намудани пешбурди дафтари бақайдгирии пули нақдӣ ва расидҳо ӯро барои чунин амалҳои номатлубаш мутобиқи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима намуданд.

Дар мағозаи хариду фурӯши масолеҳи сохтмонӣ (мудираш Сайалӣ Назиров) баъди дахолати бевоситаи кормандони мақомоти андоз мошини назоратӣ-хазинавиро ёфта, дар пештахта гузошт. Ҳангоми суҳбат С. Назиров иқрор шуд, ки дар ҳақиқат, аз пагоҳӣ то ба ҳол ба чанд нафар корафтода хизмат расонида, ба онҳо чиптаи МНХ надодааст. Дар натиҷа, нисбати ин соҳибкор тибқи талаботи моддаи 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4400 сомонӣ ҷарима таъин шуд.

Дар мағозаи хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум (мудираш Карим Маматқулов) то соати 10 дақиқаи рӯз ҳамагӣ ба як нафар чиптаи хариди мол дода шуда буду халос. Вақте сабаби истифода накардани МНХ ва ба харидорон надодани чиптаро аз фурӯшанда К. Маматқулов пурсон шуданд, ӯ гуноҳро ба гардани харидорон бор намуд:

- Харидорон нисбат ба чиптаи МНХ таваҷҷуҳ надоранд, аксар вақт чиптаи пешниҳодкардаи моро бармегардонанд. Чунин ҳолатҳо сабаб мешаванду мо дар додани чипта камҳавсалагӣ зоҳир мекунем...

Хариди назоратӣ чунин камбудиҳоро дар фаъолияти ҶДММ “Дар-дар”, мағозаи масолеҳи сохтмонӣ (мудираш Лобархон Ҳаитова), нуқтаҳои фурӯши сузишвории ҶДММ “Раззоқ-2015”, ҶДММ “Файзу баракат”, ҶДММ “Октан сервис” ва ошхона (мудираш Санҷар Самиев) низ ошкор намуд. Мутобиқи моддаҳои 614 ва 615 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати онҳо ҷаримаҳои маъмурӣ таъин гардид.

Хуллас, муносибат дар истифодаи МНХ ва пешниҳоди чипта аз он бояд дар саросари мамлакат ҷиддӣ сурат бигирад, чунки маданияти баланди савдою хизматрасониро шароити кунунӣ тақозо менамояд. Бояд гуфт, ки ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ҳангоми хариди молу хизматрасониҳо маҳз ҳамин чиптаи МНХ кафолат медиҳад. Зеро танҳо тавассути чипта метавонем молҳои пастсифатро бозпас гардонем ва ҳуқуқи хешро ҳимоя намуд.

**Муҳаммадӣ ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Турсунзода**

# Нозири андози беҳтарин



**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъолияти мақомоти андоз, баҳо додан ба фаъолияти кормандони соҳа, муайян намудани беҳтарин Нозири андози сол аз рӯи нишондиҳандаҳои баҳодиҳии муқаррааргардида ва ҳавасмандгардонию рӯҳбаланд намудани мутахассисони соҳа, инчунин, баланд бардоштани савияи дониши касбии онҳо ҳамасола озмуни “Нозири андози беҳтарини сол”-ро гузаронида, беҳтарин корманди мақомоти андозро интихоб ва муаррифӣ менамояд.**

Дар ҷамъбасти соли 2019 дар асоси пешниҳоди Комиссияи Кумитаи андоз 12 нафар корманди мақомоти андоз ба унвони “Нозири андози беҳтарини соли 2019” сазовор дониста шуданд:

**Ҳотамов Ҳотамбек Усмонбекович**



Муовини сардор - сардори шуъбаи Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Раҷабов Раҳмиддин Ҳамроқулович**



Сармутахассиси Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Давлатов Тоҷиддин Шамсиддинович**



Мутахассиси пешбари Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Одинаев Дилшод Нуралиевич**



Сармутахассиси Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ободов Муҳаммадрофеъ Қосимович**



Мутахассиси пешбари Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Идиева Фарзона Олимовна**



Сармутахассиси Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Зоиров Назирҷон Исроилович**



Мутахассиси пешбари Раёсати такмили қонунгузории андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Неъматзода Искандари Файзулло**



Сармутахассиси Раёсати ҳамкориҳои байналмилалии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Давлатов Абдуқаҳор Абдуллоевич**



Сармутахассиси Раёсати андози андозсупорандагони калон.

**Мирзомуддинов Қадриддин Саидхуҷаевич**



Мудири бахши баҳисобгирии даромадҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон.

**Файззода Шералии Эмомалӣ**



Мутахассиси пешбари гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод.

**Лаълбекова Элчима Отабековна**



Мутахассиси пешбари бахши баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳои Раёсати андоз дар ВМКБ.

НАТИҶАГИРӢ

# Фаъолияти босамар

**10 январи соли 2020 дар Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ тахти раисии сардори Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода ҷаласаи корӣ баргузор гардид.**

Ҷаласаро иҷрокунандаи вазифаи сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ Хайрулло Файзуллозода ифтитоҳ кард.

Қайд гардид, ки иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ дар соли 2019 пурра таъмин шуда, аз рӯи контингенти умумӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии буҷетӣ ба андозаи 100,1 фоиз таъмин гардида, ба ҷои 199 896,1 ҳазор сомонӣ, ба буҷет 201965,2 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ ба маблағи 2069,1 ҳазор сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бошад ба маблағи 10900,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Вобаста ба иҷрои босифати нақшаи қисми даромади буҷет зикр гардид, ки дар ин давра иҷрои ҳамагӣ ду намуди андозҳо - андоз аз арзиши иловашуда (97,5 фоиз) ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (89,3 фоиз) таъмин нагардид, ки аз ин ҳисоб 2 000,0 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид нашуд.

Анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ, аз ҷумла семинар-машварат ва суҳбату вохӯриҳо бо андозсупорандагон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ба ҳисоб рафта, дар самти коҳиш додани бақияи қарзи андозҳо таъсири мусбат мерасонад.

Маҳз натиҷаи ҳамин фаъолияти пурсамар буд, ки агар бақияи қарзи андозҳои андозсупорандагон дар ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2019-ум 6631,0 ҳазор сомониро ташкил медод, ин нишондод ба ҳолати 1 январи соли 2020-ум 4771,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки тафовут нисбат ба аввали сол 1859,1 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Дар ин давра ба 3889 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 20826,0 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол шудааст, ки аз ин 13450 ҳазор сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст.

Ҳамзамон, оид ба татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо, дар соли тақвимии 2019 нисбати 136 адад андозсупорандаи қарздор ба маблағи 9051,2 ҳазор сомонӣ, дар маҷмӯъ, 218 адад қарор қабул шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 7008,8 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки 77,4 фоизи маблағи қарорҳои қабулшударо ташкил медиҳад.

Ёдовар мешавем, ки қарорҳои дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои дар соли 2019 қабулгардида нисбат ба соли 2018 ба миқдори 34 адад зиёд мебошад.

Тибқи муқаррароти моддаи 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи моддаҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи кормандони нозироти андози ноҳия дар соли 2019 нисбати андозсупорандагоне, ки даст ба қонуншикании андоз зада буданд, дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1207599 сомонӣ, дар маҷмӯъ, 767 адад протокол тартиб дода шуда, аз ин пардохти 867031 сомонӣ ба буҷет таъмин гардидааст, ки 71,8 фоизи маблағи ҷаримаҳои маъмуриро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки протоколҳои маъмурии тартибдодашуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 59 адад ва ба маблағи 132473 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар ҷараёни ҷаласаи корӣ ба кормандони шуъбаи хизматрасонӣ ва андозсупорандагони нозироти андози ноҳия дастур дода шуд, ки бо мақсади сифатнок иҷро намудани нақшаи андозҳо, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда, фаъолиятро дар самти корҳои таҳлиливу назоратӣ нисбати супорандагони ААИ тақвият бахшида, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ва давра ба давра баланд бардоштани вазни қиёсии маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи ААИ чораҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамзамон қайд гардид, ки яке аз омилҳое, ки боиси кам ҳисоб шудани андоз аз фоида мегардад, аз ҷониби андозсупорандагон бархилофи қонунгузорӣ ба ҳисоб гирифтани хароҷоти беасос дар эъломияҳои андоз мебошад.

Бо дарназардошти масъалаҳои муҳокимашуда, ҷаласаи корӣ қарори дахлдор қабул намуд.

**А. ОЕВ,**
**сардори бахши ситонидани қарзи андозҳои Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ**




# Масъалаи ташвишовар

Чи тавре ки аз Раёсати андози вилояти Суғд иттилоъ пайдо кардем, ба ҳолати 1-уми январи соли 2020 бақияи қарзи андозҳо дар вилоят, дар маҷмӯъ, ба маблағи 107,4 млн. сомонӣ боқӣ монда, нисбати аввали соли сипаришуда 2,0 млн. сомонӣ кам карда шудааст. Ҳиссаи камшавии бақияи қарзи андозҳо ба шуъбаи НАМ дар вилояти Суғд-1,3 млн. сомонӣ ва Нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳо- 5,2 млн. сомонӣ рост меояд.

- Мавриди зикр аст, ки яке аз масъалаҳои ташвишовар ин дар сатҳи зарурӣ кам нашудани бақияи қарзи андози иҷтимоӣ мебошад, - мегӯяд сардори шуъбаи ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз дар вилояти Суғд Исроил Наимов. - Ба ҳолати 01.01.2020 бақияи қарзи андози иҷтимоӣ дар вилоят бо назардошти шуъбаҳои НАК ва НАМ маблағи 34,4 млн. сомониро дарбар гирифта, нисбати аввали соли 2019 ҳамагӣ 2,5 млн. сомонӣ кам карда шудааст. Зиёдшавии бақияи қарзи андози иҷтимоӣ аз ҳисоби шуъбаҳои НАК-21,3 ҳазор сомонӣ, НАМ- 1,5 млн. сомонӣ, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан-72,7 ҳазор сомонӣ, Хуҷанд-252,6 ҳазор сомонӣ ва Гулистон- 80,1 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар ин замина, қарзи андози иҷтимоӣ дар Нозироти андози шаҳру ноҳияҳои Исфара ба маблағи 179,7 ҳазор сомонӣ, Панҷакент- 24,3 ҳазор сомонӣ, Зафаробод-2,1 млн. сомонӣ, Ашт-536,6 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ-967,2 ҳазор сомонӣ ва Спитамен- 161,1 ҳазор сомонӣ кам карда шудаанд.

Оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо ба маблағи 45,4 млн. сомонӣ 1785 қарор қабул гардида, ба буҷети давлатӣ 29,9 млн. сомонӣ маблағ ворид шудааст. Шумораи қарорҳои қабулгашта дар давоми соли 2019 нисбати огоҳиномаҳои ирсолгашта се-чор маротиба кам буда, шахсони мутасаддиро зарур аст, ки назорати иҷрои огоҳиномаҳоро тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пурзӯр намоянд. Дар асоси фармоиши Кумитаи андоз таҳти №496 аз 11.11.2019 "Оид ба ҳамоҳанг намудани фаъолияти шуъба ва бахшҳои таркибии мақомоти ҳудудии андоз дар самти бақияи қарзи андозҳо" кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо вазифадор шудаанд, ки бо мақсади дуруст муайян намудани бақияи қарз ва сари вақт татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар ҳамкорӣ бо кормандони шуъба ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳо ҳамкорӣ намоянд. Мутаассифона, иҷрои амалии фармоиши мазкур дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Танҳо аз тарафи нозиротҳои андози шаҳрҳои Истиқлол- 1 адад парванда, Конибодом- 1 адад, Истаравшан- 2 адад ва ноҳияи Ашт- 1 адад парванда барои қабули қарори ҳабси молу мулк ва маҳсулоти тайёр ба Кумитаи андоз ирсол ва қарорҳои дахлдор қабул шудааст. Аммо дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Панҷакент, Бӯстон, Гулистон, Деваштич, Айнӣ Бобоҷон Ғафуров умуман қарори ҳабси амвол ва маҳсулоти тайёр қабул карда нашудааст.



Таҳлили динамикаи сатҳи зиёдшавии шумораи андозсупорандагони қарздор гувоҳи он аст, ки дар мақомоти андози вилоят раванди устувори сари вақт пардохт карда нашудани андозҳои ҳисобшуда рӯ ба афзоиш ниҳода, маърифати андозсупорандагон дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Бо дарназардошти ҳолати мавҷуда, кормандони шуъба, гурӯҳ ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳои Раёсати андоз ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро лозим аст, ки минбаъд дар заминаи иҷрои амалии дастуру супоришҳои Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал намуда, иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатиро босифат таъмин ва бақияи қарзи андозҳоро мунтазам кам намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Таъмини нишондодҳои андоз

**Дар шаҳри Бохтар нақшаи андозҳо бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар соли 2019 100% иҷро гардид. Ба ҷойи 155,2 млн. сомонӣ 155,6 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба нақша 430 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.**

Масъулони нозироти андоз дар шаҳр изҳор доштанд, ки нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ 100 фисад таъмин шуда, ба ҷойи 119,1 млн. сомонӣ 119,4 млн. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 247 ҳазор сомонӣ зиёд аст. Нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 101 фоиз иҷро гардида, ба ҷойи 36,1 млн. сомонӣ ба буҷет 36,2 млн. сомонӣ ворид шуд, ки 182,7 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Гуфта мешавад, ки дар ин давра аз тарафи кормандони нозироти андози шаҳр бахри кам кардани бақияпулиҳои андоз корҳои зиёде анҷом дода шудааст. Давоми соли 2019 аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар гурӯҳи корӣ ташкил гардид, ки ҳадафи он вохӯрӣ бо андозсупорандагони қарздор ва мусоидат дар коҳиш додани бақияи қарзи андозҳо мебошад. Дар гурӯҳи мазкур намояндагони мақомоти маҳаллӣ, сохторҳои қудратӣ ва мутахассисони нозироти андози шаҳр шомил буданд. Гурӯҳи корӣ чандин маротиба бо андозсупорандагони қарздор вохӯрӣ анҷом дода, онҳоро бо қонунгузориҳои андоз шинос кард. Маҳз чунин шакли корбарии гурӯҳи корӣ то андозае дар камшавии бақияи қарзи андозҳо мусоидат кард.

**С.РУСТАМ,**
**вилояти Хатлон**

# Натиҷа аз пурсишномаи назорати камералӣ



**Аз 1-уми август то 1-уми декабри соли 2019 бо мақсади муайян намудани андешаи андозсупорандагон оид ба риояи тартиби гузаронидани назорати камералӣ аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ва ҷиҳати беҳтар намудани сифати корҳои назоратӣ бо андозсупорандагон пурсиш доир шуд.**

Тавре сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумахон Нурзода иттилоъ дод, пурсишнома дар шакли алоҳида таҳти унвони "Пурсишнома оиди назорати камералӣ" дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.andoz.tj ва рӯзномаи "Боҷу хироҷ" ба нашр расидааст.

Пурсишнома аз 7 савол иборат буда, дар он вобаста ба тартиби гузаронидани назорати камералӣ саволҳо бо вариантҳояшон пешниҳод шудааст. Бо мақсади ба андозсупорандагон расонидани моҳияти гузаронидани пурсишнома ба мақомоти ҳудудии андоз мактуби дастурӣ низ ирсол гардида буд.

Ҷ. Нурзода қайд намуд, ки ба ҳолати 1 –уми декабри соли 2019 ба саволҳои пурсишнома 972 андозсупоранда ҷавоб ирсол намудаанд, ки аз ин шумора 408 адад тавассути сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.andoz.tj ва 564 адад дар ҳомили қоғазӣ ва тариқи рӯзномаи "Боҷу хироҷ" ҳангоми гузаронидани семинар-машваратҳо бо андозсупорандагон пешниҳод шудаанд.

- Аз ҷавобҳои аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳодшуда муайян гардид, ки дар 168 ҳолат андозсупорандагон аз муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи он назорати камералӣ гузаронида мешавад, тариқи сомонаи Кумитаи андоз, ва ё семинар машваратҳо огаҳӣ пайдо кардаанд, дар 13 ҳолат, чуноне маълум шудааст, аз ин муқаррарот огоҳ нестанд, - илова намуд Ҷ. Нурзода.

Қайд гардид, ки дар давоми 5 моҳи соли 2019 дар 75 ҳолат аз ҷониби мақомоти андоз дар фаъолияти онҳо назорати камералӣ гузаронида шуда, дар фаъолияти 63 иштирокчӣ назорати камералӣ гузаронида нашудааст. Дар 74 ҳолат аз натиҷаи назорати камералӣ ба андозсупорандагон огоҳинома ва дар 16 ҳолат мактуб барои ислоҳи камбудиҳо ирсол шуда, дар 28 ҳолат бо сабабҳои гуногун аз натиҷаи назорати камералӣ ба суроғаи андозсупорандагон огоҳинома ирсол нагардидааст. Дар 44 ҳолат андозсупорандагон ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ ба мақомоти андоз даъват шуда, дар 85 ҳолат бе ташрифи онҳо ба мақомоти андоз назорати камералӣ гузаронида шудааст. Тибқи ҷавобҳои пешниҳодшуда оид ба асоснокии натиҷаи огоҳиномаи назорати камералӣ вобаста ба ислоҳи камбудиҳо дар 89 ҳолат андозсупорандагон қаноатманд буда, дар 57 ҳолат андозсупорандагон аз натиҷаи назорати камералӣ бино бар пурра асоснок набудани огоҳинома қаноатманд нашудаанд. Рафтори кормандони мақомоти андоз ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ дар 135 ҳолат мусбат ва дар 48 ҳолат муносибат ва рафтори кормандони андозро ғайриқаноатбахш арзёбӣ намудаанд.

Ҷумахон Нурзода, ҳамчунин, гуфт, ки андозсупорандагон барои самаранок ба роҳ мондани корҳои назоратии мақомоти андоз ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон таклифу пешниҳодҳо манзур намудаанд. Аз ҷумла, пешниҳод шудааст, ки назорати камералӣ бо маълумоти саҳеҳ ва тибқи муқаррароти Кодекси андоз гузаронида шуда, огоҳиномаҳое, ки тариқи қоғазӣ ба суроғаи андозсупоранда ирсол ва дар "Утоқи шахсии андозсупоранда" дар муҳлати муайяншуда дар шакли электронӣ ирсол нагардидаанд, аз эътибор соқит дониста шаванд.

Ба ғайр аз ин пешниҳод гардидааст, ки ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ нишондиҳандаҳои музди меҳнат дар шаҳри Душанберо ба дигар ноҳияҳои дурдаст баробар накунанд ва маҳалли фаъолияти андозсупорандагон низ ба инобат гирифта шавад. Дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.andoz.tj ҷойгир намудани шакли тавзеҳот оид ба назорати камералӣ, ҳамчун дастурамал вобаста ба намуди андозҳо, аз дигар пешниҳоди андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Инчунин, андозсупорандагон пешниҳод намудаанд, ки оид ба андози фоида назорати камералӣ гузаронида нашавад ё ин ки андоз аз фоидаро дар як муддати муайян мавриди назорати камералӣ қарор диҳанд.

Ҷумахон Нурзода гуфт, ки таклифу пешниҳодҳои андозсупорандагон, иловатан омӯхта хулосабардорӣ карда, ҷиҳати такмил додан ва беҳтар намудани сифати гузаронидани назорати камералӣ ва бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳо аз чониби кормандони мақомоти андоз, ба инобат гирифта мешаванд.

**М. ҶУМЪА**

## МАЪЛУМОТ ОИД БА МУАЙЯН НАМУДАНИ РИОЯИ ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ НАЗОРАТИ КАМЕРАЛӢ АЗ ҶОНИБИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

| № | Саволҳо | Варианти ҷавоб | Шумораи қайди ҷавобҳо оид ба ҳар як савол | Шумораи тавзеҳот |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Оё шумо аз муқаррароти Кодекси андоз, ки тибқи он назорати камералии андоз гузаронида мешавад, огоҳ хастед? | Огоҳ мебошам | 109 адад | 6 адад |
| | | Аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz. tj) огоҳ шуда будам | 19 адад | |
| | | Дар семинар машваратҳо шунида будам, вале маълумоти пурра надорам | 40 адад | |
| | | Огоҳ нестам | 13 адад | |
| 2 | Дар фаъолияти шумо дар 5 мохи соли 2019 аз ҷониби мақомоти андоз чанд маротиба назорати камералӣ гузаронида шудааст? | Як маротиба | 23 адад | 7 адад |
| | | Ду маротиба | 22 адад | |
| | | Се маротиба | 14 адад | |
| | | Барои даврае, ки назорати камералӣ гузаронидашуда буд, такроран гузаронида шуд | 16 адад | |
| | | Ягон маротиба гузаронида нашудааст | 53 адад | |
| | | Дар шакли мактуб (огоҳинома) барои ислохи камбудихо дастур дода шудааст | 10 адад | |
| 3 | Дар 5 мохи соли 2019 аз натиҷаи назорати камералӣ ба шумо чанд маротиба огоҳинома ирсол карда шуд? | Як маротиба | 44 адад | 2 адад |
| | | Ду маротиба | 17 адад | |
| | | Се маротиба | 4 адад | |
| | | Барои даврае, ки назорати камералӣ гузаронидашуда буд, такроран огоҳинома ирсол карда шуд | 9 адад | |
| | | Ягон маротиба ирсол карда нашудааст | 28 адад | |
| | | Дар шакли мактуб (огоҳинома) барои ислоҳи камбудихо дастур ирсол карда шудааст | 16 адад | |
| 4 | Ҳангоми гузаронидани назорати камералӣ чанд маротиба ба макомоти андоз даъват шудааед? | Як маротиба | 33 адад | 6 адад |
| | | Ду маротиба | 23 адад | |
| | | Се маротиба | 29 адад | |
| | | Ягон маротиба даъват карда нашудааст | 44 адад | |
| 5 | Оё натиҷаи назорати камералӣ ва пешниҳоди огоҳиномаро оиди ислоҳи камбудиҳо асоснок арзёбӣ менамоед ва аз он қаноатманд ҳастед? | Асоснок буд, қаноатбахш ҳастам | 38 адад | 9 адад |
| | | Қисман асоснок буд, қаноатбахш ҳастам | 29 адад | |
| | | Асос надошт, қаноатбахш нестам | 26 адад | |
| | | Мавриди баҳс қарор дорад | 25 адад | |
| | | Ҳолати тамаъҷӯӣ мушоҳида мешуд | 28 адад | |
| 6 | Рафтори кормандони мақомоти андозро хангоми гузаронидани назорати камералӣ чӣ тавр арзёбӣ менамоед? | Пурра қаноатбахш | 32 адад | 5 адад |
| | | Қаноатбахш | 46 адад | |
| | | Ғайриқаноатбахш (аз ҷумла) | 15 адад | |
| | | - дағалона рафтор менамоянд | 22 адад | |
| | | - таҳдид менамоянд | 18 адад | |
| | | - ғайриқонунӣ амалӣ менамоянд | 26 адад | |
| | | - ба амалҳои коррупсионӣ роҳ медиҳанд | 24 адад | |
| | | | | |
| | Таклифу пешниҳоди иштироккунандаи пурсишнома | | | |
| 7 | Барои самаранок ба роҳ мондани корҳои назоратии мақомоти андоз ва беҳтар намудани сифати он, таклифу пешниҳоди худро баён намоед. | | | 42 адад |
| | Шумораи умумии ҷавобҳои пешниҳодшуда 972 адад | | | |

НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Шесть тысяч в минуту. Почему деньги Загитовой — это не только ее личное дело

**Алина Загитова заработала около четырёх миллионов рублей за пару недель. В свои 17 лет она уже на подступах к рейтингу Forbes!**

Алина Загитова за последние пару лет несомненно стала одним из самых популярных и узнаваемых спортсменов России и мира. Одно её имя было способно собрать полный стадион — будь то спортивный турнир или развлекательное ледовое шоу. Соответствуют узнаваемости и доходы фигуристки. До женского тенниса, конечно, далеко, но в фигурном катании — прорыв.

В прошлом сезоне Алина Загитова значительно опередила всех фигуристок по сумме призовых. В текущем сезоне результаты олимпийской чемпионки упали, но она по-прежнему лидирует по уровню доходов в женском фигурном катании. Объясняется это не только крупными рекламными контрактами, но и высокими гонорарами за участие в ледовых шоу.

Если в спортивном плане решение Загитовой приостановить карьеру до сих пор вызывает споры у болельщиков и специалистов, то в финансовом отношении всё однозначно: кататься в шоу фигуристке калибра Алины гораздо выгоднее, чем выступать в официальных соревнованиях.

**Источник: https://news.mail.ru**



# Ба саволҳои андозсупорандагон мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон посух мегӯянд



**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ фаъолияти Бахши иттилоотии Кумитаи андоз "Маркази тамос"-ро бо истифодаи рақами содакардашудаи телефонии "151" ба роҳ мондааст, ки ҳоло шаҳрвандон метавонанд тавассути он бо мутахассисони соҳа дар тамос бошанд. Аз соати 8:00 то 17:00 мутахассисони гурӯҳи иттилоотӣ ба суолҳои андозсупорон роҷеъ ба масъалаҳои андозбандӣ посух медиҳанд. Ба пурсишҳои пешниҳодшуда мутахассисони Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон посух медиҳанд.**

## ■ САВОЛ:

*Ман як кооперативи тиҷоратӣ дорам. Мехоҳам хоҷагии деҳқонӣ ташкил кунам. Замин 6,21 (га). Оид ба ин масъала маълумоти дақиқ мехоҳам.*

## ■ ҶАВОБ:

Агар шумо хоҷагии деҳқонии инфиродӣ ташкил карданӣ бошед, аввал бояд мувофиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз 19.05.2009 таҳти №508 кооперативи тиҷоратии худро барҳам диҳед. Барои ин, бо ариза оид ба қатъ намудани фаъолият ба нозироти андози маҳали истиқомататон муроҷиат менамоед. Баъди аз тарафи нозироти андоз гузаронидани санҷиши барҳамдиҳӣ тамоми ҳуҷҷатҳоеро, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, аз ҷумла санади барҳамдиҳӣ ба бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии мақомоти андоз пешниҳод намуда, бо тартибе, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, кооперативи шумо барҳам дода мешавад.

Баъд аз барҳам додани кооперативи тиҷоратӣ хоҷагии деҳқонӣ ташкил намоед. Барои ин, шумо бояд бо ариза ба бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии мақомоти андози маҳали истиқомататон муроҷиат намуда, ҳуҷҷатҳоеро, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, барои бақайдгирии хоҷагии деҳқонӣ пешниҳод намоед.

## ■ САВОЛ:

*Шахсе, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ дар самти хизматрасонии суратгирии фаврӣ ва нусхабардорӣ машғул бошад, чӣ тавр ба қайд гирифта мешавад? Масалан, баннер ва ё рекламаро қабул мекунад, фармоиши мизоҷро бурда дар идораҳои, ки баннер чоп мекунанд, чоп карда оварда, ба мизоҷ месупорад, чӣ тавр андозбандӣ мегардад? Бо патент фаъолият кунад чӣ гуна андоз месупорад ва агар шаҳодатнома бошад чӣ? Фаъолияти миёнаравӣ чӣ гуна андозбандӣ карда мешавад? Дукони ба иҷора гирифташуда, ки масоҳаташ 20 метри мурраббаъро ташкил медиҳад, маблағи андозаш чӣ тавр ҳисоб карда мешавад?*

## ■ ҶАВОБ:

1. Агар фаъолияти шумо "суратгирии берун аз бино" ва "нусхагирӣ" бошад ва даромади умумии солонаатон аз 100 ҳазор сомонӣ кам бошад, метавонед, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 №451 "Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд" фаъолияти худро мувофиқи патент амалӣ намоед.

Хотиррасон менамоем, ки ҳангоми фаъолият бо патент маблағи андоз дар шакли устувор бо меъёре, ки дар "Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин, андозаҳои пардохт барои патент" ки бо қарори мазкур тасдиқ шудааст, ҳисобу пардохт карда мешавад. Тибқи қарори мазкур дар гурӯҳи 35 фаъолияти "суратгирӣ ва нусхабардории берун аз бино" маблағи патенти моҳона бе коэффисиенти минтақавӣ 147 сомонӣ ва дар гурӯҳи 40 фаъолияти "нусхагирӣ" маблағи патенти моҳона бе коэффисиенти минтақавӣ 75 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Дар ҳолате, ки соҳибкори инфиродӣ хоҳиши анҷом додани 2 ё зиёда аз он намудҳои фаъолияти дар Номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ пешбинишударо дошта бошад (ё амалан анҷом дода истодааст), чунин соҳибкор 100 фоизи маблағи баландтарини патент барои фаъолияти интихобгардида пешбинишуда, инчунин, 20 фоизи маблағи патент барои ҳар як дигар намудҳои фаъолияти интихобшударо месупорад.

2. Дигар намуди фаъолиятҳо аз ҷумла қабули фармоиши чопи шиорҳои калонҳаҷм, овезаҳои деворӣ, қабули фармоиши муҳру сиккаҳо дар "Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин, андозаҳои пардохт барои патент" ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 тасдиқ шудааст, пешбинӣ нашудаанд.

Бинобар ин, ҳангоми фаъолият бо ин намудҳо шумо метавонед фаъолияти худро тибқи Шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва ё бо ташкили шахси ҳуқуқӣ амалӣ намоед, агар даромади умумӣ дар давоми сол то як миллион сомонӣ бошад.

3. Оид ба фаъолияти миёнаравӣ. Мутобиқи сархати дуюми қисми 2 моддаи 291 Кодекси андоз чунин фаъолият - ташкилоти миёнаравӣ (дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва шартномаҳои миёнаравии дигар амалкунанда) наметавонад бо низоми соддакардашуда андозбандӣ фаъолият намояд.

Бинобар ин, чунин субъектҳо ухдадоранд ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз бақайдгирии давлатӣ гузашта, дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият намуда, ҳамчун супорандагони андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд.

4. Вобаста ба маблағи андози дӯкони ба иҷора гирифта, ки масоҳаташ 20 метри мурраббаро ташкил медиҳад:

*- иҷорадеҳ аз маблағи иҷора бояд андоз аз даромадро бо меъёри 13 фоиз ҳисоб карда, ҳар моҳ ба буҷети дахлдор пардохт намояд.*

*- иҷорагир вобаста аз намуди фаъолият ва маблағи даромад ухдадориҳои андозии худро тибқи талаботи Кодекси андоз иҷро менамояд.*

Агар намуди фаъолияти шумо дар "Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродие, ки дар асоси патент амалӣ карда мешаванд, инчунин андозаҳои пардохт барои патент" ки бо қарори мазкур тасдиқ карда шудааст, пешбинӣ шуда бошад, дар ин ҳолат маблағи андоз (патентпулӣ) аз руйи меъёрҳои устувори дар Номгӯйи мазкур тасдиқшуда ҳисоб карда мешавад.

## ■ САВОЛ:

*Дар шаҳри Кӯлоб бинои Маркази савдоро бунёд кардам, аммо онро ба Филиали бонк ба иҷора додам. Нозирони Нозироти андози шаҳри Кӯлоб то ҳол ҳамчун Маркази савдо андози ғайриманқул ҳисоб карда истодаанд. Аммо ин ба объекти ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намуди фаъолият рост меояд. Аз шумо хоҳиш менамоям, ки ба ин масъала равшанӣ андозед?*

## ■ ҶАВОБ:

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҷиҳати ҳисобкунии андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ барои соли 2019 дар ҳаҷми 55 сомонӣ муқаррар шудааст.

Мутобиқи банди 43) моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳама гуна фаъолият бар ивази подош, ки таҳвили мол ё иҷрои кор намебошад, аз ҷумла, фаъолияти савдо, хизматрасонии молиявӣ, ба иҷора додани молу мулки моддӣ, додани молу мулки ғайримоддӣ, хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти талаботи моддаи мазкур фаъолияти шумо, яъне ба иҷора додани молу мулк ҳамчун фаъолияти хизматрасонӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, шумо ухдадор мебошед, ки эъломияи андоз аз объектҳои ғайриманқулро тибқи сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 2 моддаи 279 Кодекси андоз барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашаванда то 250 метри мураббаъ - ба андозаи 12,75 фоиз, барои шаҳри Кӯлоб ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур ва барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашавандаи масоҳати боқимондаашон зиёда аз 250 метри мураббаъ ба андозаи 15 фоиз, барои шаҳри Кӯлоб ба андозаи 2-каратаи меъёри мазкур ба Нозироти андози шаҳри Кӯлоб пешниҳод намоед.

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.

**Барои хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон кормандони мақомоти андоз дар фаъолияти онҳо пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин дуруст роҳандозӣ гардидани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад.**

# Фаъолияти хуби соҳибкорон - гарави муваффақиятҳо

Натиҷаи корҳои назоратӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳарчанд фарҳанги андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардида, сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо ҳоло ҳам дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида қонунвайронкуниҳои андоз ба мушоҳида мерасад.

Тавре сардори Раёсати санҷишҳои амалиётӣ ва назорати фаврии Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадсаид Давлатзода иттилоъ дод, аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз дар соли 2019 дар асоси 550 амрнома фаъолияти 17379 андозсупоранда, аз ҷумла 1888 шахси ҳуқуқӣ, 11672 соҳибкори инфиродӣ ва 3334 нафар шахси воқеӣ таҳти санҷиш амалиётӣ қарор дода шудааст. Дар натиҷа, 3334 ҳолат ё ин ки 19,1 фоиз ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор ва онҳо бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ таъмин гардидаанд.

Номбурда гуфт, ки дар давраи гузаронидани санҷиши амалиётӣ нисбати 4939 андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи умумии 14,5 млн. сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда шудааст, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2018 -ум 10,2 млн. сомониро ташкил дода, 4,3 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Маблағи ҷаримаҳои татбиқгардида нисбати андозсупорандагон, ба ҳисоби миёна, ба сари ҳар як нафар дар Раёсати санҷиши андозҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 4,3 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 2,3 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 1,8 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 2,1 ҳазор сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2,3 ҳазор сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) 3,4 ҳазор сомонӣ ва Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) 9,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Муҳаммадсаид Давлатзода аз он изҳори таассуф намуд, ки тибқи таҳлилҳо шумораи протоколҳои татбиқнамудаи аксари мақомоти ҳудудии андоз нисбат ба шумораи андозсупорандагони бақайди мақомоти андоз ошкоргардида кам мебошад. Аз ҷумла, Нозироти андоз дар ноҳияи Вахш аз 24 андозсупорандаи беқайд ошкорнамуда, дар маҷмӯъ, бо дарназардошти дигар камбудиҳои ошкорнамуда, танҳо 2 протоколи маъмурӣ татбиқ кардааст, ки 8,3 фоизро ташкил медиҳад. Нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб аз 147 беқайд 22 протокол (14,9%), Шуғнон аз 12 беқайд 4 протокол (33,3%), Рудакӣ аз 267 беқайд 193 протокол (72,2%), Рашт аз 102 беқайд 33 протокол (32,3%), Ховалинг аз 92 беқайд 14 протокол (15,2%), тартиб додаанд. Аммо Нозироти андоз дар ноҳияи Балҷувон аз 8 беқайд ягон протокол тартиб надодааст.

Ҳолатҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳанд, ки нозиротҳои андоз ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар мавриди ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида чораҷӯӣ наменамоянд.

М. Давлатзода гуфт, ки дар давоми соли 2019 дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ 790 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ – и дорои ТИЭ) таъмин гардидаанд. Мутаассифона, дар ин давра Раёсати андоз дар вилояти Суғд 576 адад, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон 213 адад, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 19 адад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 80 адад МНХ –и дорои ТИЭ кам таъмин намудаанд.

Инчунин, дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз 737 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул аз ҷониби шахсони воқеӣ ошкор шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби шуъбаи санҷишҳои амалиётии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 51 нафар, шаҳри Душанбе 72 нафар, вилояти Суғд 204 нафар, вилояти Хатлон 147 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 232 нафар шахси бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул ошкор гардид. Молу мулки ба иҷорадодашуда, ки ҳангоми санҷиш ошкор шудаанд, дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, нисбати соҳибмулкон андозҳои иловагӣ ҳисоб карда, пардохти маблағ ба буҷет ворид карда шудааст.

Ба гуфтаи мавсуф, яке аз мушкилиҳои ҷойдошта ин аз ҷониби баъзе нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо ҳангоми санҷишҳои амалиётӣ ошкор ва пешгирӣ накардани корҳои кироии ба кор ҷалбшудаи бе қайди мақомоти андоз мебошад, ки ҳолати мазкур ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, бахусус андози иҷтимоӣ таъсири манфии худро гузоштааст. Масалан, тибқи ҳисобот нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Нуробод, Сангвор, Ашт, Зафаробод, Истиқлол, Спитамен, Панҷ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, мақомоти ҳудудии андози ВМКБ, Қубодиён, Данғара, Восеъ, Левакант, Кӯшониён, Ҷалолиддини Балхи, Дӯстӣ ва Темурмалик умуман коргарони кироии беқайд ошкор накардаанд ё ин ки аз 1 то 4 нафар ошкор намудаанду халос. Ин дар ҳолест, ки фаъолияти сусти ин нозиротҳои андоз дар ҷаласаи қаблан гузаронидашуда таъкид шуда буд, вале бо гузашти вақт дар самти ошкор ва ба қайд гирифтани коргарони кироя ягон чораи дахлдор андешида нашудааст.

Ҳамчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ кормандони Раёсати санҷишҳои амалиётии Кумитаи андоз нисбати андозсупорандагоне, ки таҳти санҷиш қарор гирифтанд, ба маблағи умумии 26,4 млн. сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардида, дар давраи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ 24,5 млн. сомонӣ ё 90 фоизи он ба буҷет таъмин шудааст.

М. Давлатзода илова намуд, ки натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои кории Сарраёсати назорати андози Кумитаи андоз дар соли 2019 нишон дод, ки дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо захираю имкониятҳо мавҷуд мебошад, ки ба андозбандӣ фаро гирифтани манбаъҳо аз ҳар як корманди мақомоти андоз масъулияти баланд ва иҷрои босифати уҳдадориҳои мансабиро тақозо менамояд. Аз ҷумла, дар рафти санҷишҳои амалиётии Гурӯҳи кории Кумитаи андоз, ки дар ҳудуди КВД “Бозори Меҳргон” сафарбар гардида буданд, 95 нафар шахси воқеӣ, 85 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва 10 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандагаро дар қайди мақомоти андоз гузоштанд, ки ин ҳолат таъсири худро ба қисми даромади буҷет расонидааст.

Сарфи назар аз вуҷуд доштани қонунвайронкуниҳои андоз, бархе аз мақомоти ҳудудии андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санҷишҳои амалиётии андоз намегузаронанд ва ё онро дуруст ба расмият намедароранд. Масалан, тибқи ҳисоботи ба Кумитаи андоз пешниҳодгардида дар 12 моҳи соли 2019 аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Зафаробод, Ҷаббор Расулов, Спитамен, Леваканд, Панҷ, Қубодиён, Восеъ, Ёвон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Роғун, Шаҳринав, Лахш, Нуробод, Сангвор, Шуғнон, Рушон, Мурғоб, Роштқала ва Ванҷ 1 -2 санҷиши амалиётӣ гузаронида шудаасту халос.

Бояд қайд кард, ки санҷишҳои амалиётӣ самти афзалиятноки соҳа буда, дар раванди иҷрои қисми даромади буҷет омили таъсиррасон мебошад. Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба самти мазкур аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**



# Асрори муваффақияти миллионерҳо

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

***Шахсе, ки мақсади муайян дорад, бо душворӣ ҳам бошад, дар ҳама гунна роҳ ҳаракат карда метавонад. Шахсе, ки ҳеҷ гуна мақсад надорад, ҳатто дар роҳи ҳамвор ҳаракат карда наметавонад.***

*(Томас Карлейль).*

Орзуҳои парокандаи хешро ҷамъ оварда, ба мақсадҳои муайяну мушаххас табдил диҳед. Шояд кашфиёти азимтарини таърихи башар дар он ифода меёбад: Шумо шахсе мешавед, ки дар бораи он аз ҳар чизе дида бештар фикр мекунед. Ду омиле, ки дар ҳаёт чӣ рух доданашро муайян месозад, инҳоянд: яке он аст, ки дар бораи чӣ бештар фикр мекунед ва дигаре, чӣ гуна дар ин бора фикр мекунед.

Одамони муваффақ бештари вақти худро ба фикр кардани мақсадҳои худ сарф мекунанд. Дар натиҷа, онҳо бе танаффус ба сӯи ин мақсадҳо ҳаракат мекунанд. Дар бораи он чӣ ки шумо бештар фикр мекунед, нақшаш дар ҳаёти шумо ҳамон қадар меафзояд. Агар шумо доим дар бораи мақсадҳои худ мулоҳизаронӣ намоед, он гоҳ эҳтимолияти ба даст овардани натиҷаҳои зиёдтар насибатон мегардад.

Инак, ҳафт марҳалаи гузарише, ки барои ноил гардидан ба мақсадҳо ва миллионер шудан ба шумо кӯмак мерасонанд, пешниҳод мегардад.

**Аввалан,** аниқ кунед, ки дар ҳар як соҳаи ҳаёти худ, хусусан молия чиро мунтазир ҳастед.

Сониян, мақсадҳои худро аниқ ва муайян дар коғаз нависед. Вақте шумо ба мақсадҳои худ шакли хаттӣ медиҳед, он гоҳ дар сар ва дастони шумо як навъ шарораи ҳайратовар ба вуҷуд меояд.

**Сеюм,** барои ҳар як мақсад мӯҳлати муайян ва ниҳоиро муқаррар намоед. Агар баъзе мақсадҳо хеле ҷиддӣ бошанд, барои онҳо мӯҳлати фосилавиро муқаррар кунед. Барои худ рақамҳои (мӯҳлатҳои) назоратиеро муайян намоед, ки барои расидан ба онҳо кӯшиш кардан лозим меояд.

**Чорум,** рӯйхати ҳамаи он чиро, ки шумо ба сифати амалҳои, барои расидан ба ҳар як мақсад зарур анд, тартиб диҳед. Агар дар саратон фикрҳои нав пайдо шаванд, онҳоро ба рӯйхати худ ворид кунед.

**Панҷум,** рӯйхати худро ба нақшаи амалҳо мубаддал созед. Муқаррар кунед, ки шумо аввал кадом ва баъдан кадом корҳоро карданӣ ҳастед. Аниқ намоед, ки чӣ бештар муҳим аст ва чӣ на он қадар муҳим....

**Таҳияи Ш.МУҲАММАДӢ**

# Корҳои назоратии андоз

**Гузарондани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дорад.**



Дар соли 2019 тибқи нақшаи тасдиқшуда ва дархостҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби кормандони мақомоти андози вилояти Суғд дар фаъолияти 1410 шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ санҷиши риояи қонунгузории андоз гузаронида шудааст, ки дар натиҷа ба маблағи 49,9 млн. сомонӣ кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардидаанд. Аз ин 41,7 млн. сомониаш ба буҷет ворид шудааст. Инчунин, аз ҳисоби маблағҳои дар солҳои 2013-2018 барилова ошкоршуда, ки рӯёнида нашуда буданд, дар ин давра ба буҷет 1,7 млн. сомонӣ ворид гардид. Дар натиҷа, маблағҳои то санаи 1-уми январи соли 2020 аз ҳисоби корҳои назоратӣ, дар маҷмӯъ, ба буҷет воридшуда 47,1 млн. сомониро ташкил дод.

Бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби санҷишҳои гузаронидашудаи солҳои 2013-2019 ба санаи 1-уми январи соли 2020 маблағи 44,8 млн. сомониро ташкил додааст. Он нисбат ба 1 январи соли 2019 ба маблағи 5,0 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Инчунин, дар соли 2019 аз тарафи мақомоти андози вилоят фаъолияти 5299 андозсупоранда таҳти санҷиши амалиётӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷа, 623 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 1112 ҳолати дар ҳисобот нишон надодани коргарони кироя, 204 ҳолати бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул ошкоргардида, дар рафти санҷиш камбудиҳои ошкор ва бартараф карда шудаанд.

Дар давоми соли 2019 аз ҷониби мақомоти андози вилоят нисбати шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ 3362 назорати камералӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа, ба маблағи 62,7 млн. сомонӣ эҳтимолияти кам ҳисоб кардан ва пинҳонкунии андозҳо ошкор гардида, тибқи тартиби муқарраршуда ба андозсупорандагон огоҳиномаҳо ирсол карда шудаанд. Баъди ирсоли огоҳиномаҳо аз тарафи андозсупорандагон ҷиҳати ислоҳи камбудиҳо ба маблағи 35,1 млн. сомонӣ эъломияҳои иловагӣ пешниҳод гардидааст, ки 55,9 фоизи маблағҳои дар огоҳиномаҳо дарҷшударо ташкил медиҳад ва нисбат ба соли 2018-ум 5,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби эъломияҳои иловагии аз ҷониби андозсупорандагон пешниҳодгардида, изофапулиҳои андозсупорандагон ба маблағи 12,1 млн. сомонӣ пӯшонида, ба буҷет 18,5 млн. сомонӣ пардохт гардидааст, ки дар маҷмӯъ, 52,7 фоизи маблағи эъломияҳои иловагӣ пешниҳодшударо ташкил медиҳад. Бақияи маблағҳои ба буҷет пардохтнашуда ба санаи 1-уми январи соли 2020 ба 4,5 млн. сомонӣ ё 12,8 фоиз баробар мебошад. Аз ҷониби андозсупорандагон бо роҳи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба маблағи 8,1 млн. сомонӣ, номутобиқатиҳои ҷойдошта дар ҳисоботҳо бартараф карда шудаанд, ки 13 фоизи маблағи огоҳиномаҳоро ташкил менамояд. Нисбати 39 огоҳиномаҳои назорати камералӣ санади дахлдор тартиб ёфта, ба маблағи 3,7 млн. сомонӣ қарор қабул гардида, аз он ба буҷети ҷумҳуриявӣ 330,2 ҳазор сомонӣ ворид карда шудааст.

Вобаста ба ин, шуъбаи санҷиши андозҳои Раёсати андоз ва мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ба сатҳ ва сифати санҷишҳо аҳамият диҳанд, ҳангоми қабули санадҳои санҷишӣ аз кормандон риояи шакли намунавии санади санҷишӣ ва талабот оид ба тартиб додани санадҳои санҷиши маҷмӯии ҳуҷҷатии андозро ҳатман талаб кунанд ва ҷиҳати ситониданни маблағи қарзи санадҳои санҷишӣ чораҷӯӣ намоянд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

# Афзоиши шумораи коргарони кироя ва музди меҳнати онҳо



**Чуноне ки аз натиҷаи корҳои таҳлилии мақомоти андоз бармеояд, бо вуҷуди ба роҳ мондани назорати қатъӣ ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон ҳоло ҳам ба назар мерасад.**

Дар робита ба ин, сардори шуъбаи Сарраёсати маъмурикунонии андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев гуфт, ки ҳолатҳои аз ҷониби корфармоён - соҳибкорони инфиродӣ ғайрирасмӣ истифода кардани коргарони кироя, ба таври сифрӣ пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ ҳанӯз ҳам ба назар мерасад.

- Ҳатто, чуноне дида мешавад, ҳангоми қабули эъломияҳои андоз нозирони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ таваҷҷуҳ накарда, ба асоснокии маълумоти дар эъломияҳои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ оид ба шумораи коргарон ва фонди музди меҳнати онҳо чандон диққати ҷиддӣ намедиҳанд, - афзуд С. Исоев.

Тибқи иттилои номбурда, ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар мақомоти ҳудудии андоз 26916 коргари кирояи соҳибкорони инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба маблағи 97,4 млн. сомонӣ андозҳо ба буҷет ворид гардидааст. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар маҷмӯъ, 2961 нафар ва маблағи воридоти андози даромад ва андози иҷтимоӣ 13,3 млн. сомонӣ зиёд шудааст.

Гуфтан бамаврид аст, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз 1 июли соли 2016 андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ба 400 сомонӣ расонида шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки корфармо ба коргари кирояи худ ҳадди ақалли музди меҳнатро пардохт намояд. Музди меҳнат бояд воқеъбинона ва бо дарназардошти вазъи имрӯзаи бозорӣ муайян шавад.

С. Исоев бо такя ба натиҷаи таҳлилҳо гуфт, ки соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми таҳияи ҳисоботи андозӣ музди меҳнати воқеии коргарони кирояи худро ҳатто аз ҳадди ақалли муқарраргардида ҳам кам нишон додаанд. Аз ҷумла, маблағи миёнаи музди меҳнати коргарони кироя аз ҷониби соҳибкорони шаҳру ноҳияҳои Ванҷ ҳамагӣ 390,3 сомонӣ, Рушон 230,1 сомонӣ, Шуғнон 193,5 сомонӣ, Ишкошим 180,8 сомонӣ, Мурғоб 52,6 сомонӣ, Вахш 358,5 сомонӣ, Хуросон 398,2 сомонӣ, Қубодиён 381,0 сомонӣ, Панҷ 345,8 сомонӣ, Носири Хусрав 359,7 сомонӣ, Леваканд 258,8 сомонӣ, Кӯлоб 325,4 сомонӣ, Муъминобод 349,1 сомонӣ, Ҳамадонӣ 371,2 сомонӣ, Данғара 374,7 сомонӣ, Темурмалик 281,6 сомонӣ, Ховалинг 365,1 сомонӣ, Шамсиддин Шоҳин 324,2 сомонӣ, Балҷувон 111,1 сомонӣ, Деваштич 240,7 сомонӣ, Мастчоҳ 251,9 сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров 379,3 сомонӣ, Шаҳристон 306,3 сомонӣ, Варзоб 250,8 сомонӣ, Рашт 284,8 сомонӣ, Лахш 257,8 сомонӣ, Нуробод 134,9 сомонӣ, Тоҷикобод 367,8 сомонӣ ва Файзобод 323,25 сомонӣ рост меояд.

Ғайр аз ин, муайян шудааст, ки дар 12 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи коргарони кирояи соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳои Рушон ҳамагӣ 4 нафар, Муъминобод 1 нафар, Шамсиддин Шоҳин 1 нафар, Гулистон 7 нафар, Хуҷанд 18 нафар, Лахш 39 нафар ва Тоҷикобод 9 нафар кам гардидааст.

Тибқи таҳлилҳо гарчанде маблағи воридоти андозҳо аз ҳисоби коргарони кироя дар мақомоти ҳудудии андоз дар 12 моҳи соли 2019, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст, вале камшавии маблағи воридоти андозҳо аз ин ҳисоб дар баъзе аз мақомоти ҳудудии андоз ба назар мерасад. Камшавии бештари маблағи андозҳо, асосан, ба шаҳру ноҳияҳои Роштқалъа (3,0 ҳазор сомонӣ, Ишкошим (1,1 ҳазор сомонӣ), Мурғоб (1,3 ҳазор сомонӣ), Вахш (62,9 ҳазор сомонӣ), Қубодиён (287,1 ҳазор сомонӣ), Ҷалолиддини Балхӣ (76,8 ҳазор сомонӣ), Абдураҳмони Ҷомӣ (6,0 ҳазор сомонӣ), Шаҳритуз (29,0 ҳазор сомонӣ), Ёвон (5,0 ҳазор сомонӣ), Носири Хусрав (7,0 ҳазор сомонӣ), Левакант (57,7 ҳазор сомонӣ), Восеъ (20,3 ҳазор сомонӣ), Ҳамадонӣ (76,6 ҳазор сомонӣ), Фархор (16,1 ҳазор сомонӣ), Темурмалик (38,0 ҳазор сомонӣ), Шамсиддини Шоҳин (2,0 ҳазор сомонӣ), Балҷувон (4,4 ҳазор сомонӣ), Хуҷанд (740,3 ҳазор сомонӣ), Панҷакент (219,5 ҳазор сомонӣ), Ашт (33,5 ҳазор сомонӣ), Деваштич (7,8 ҳазор сомонӣ), Роғун (48,2 ҳазор сомонӣ), Турсунзода (58,8 ҳазор сомонӣ), Варзоб (17,1 ҳазор сомонӣ), Лахш (4,4 ҳазор сомонӣ), Рӯдакӣ (25,3 ҳазор сомонӣ) ва Тоҷикобод (11,7 ҳазор сомонӣ) рост меояд.

- Бо дарназардошти камбудиҳои ҷойдошта,- мегӯяд С. Исоев, - Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳудудии андоз барои давра ба давра зиёд намудани шумораи коргарони кироя ва маблағи воридоти андозҳо чораҳои зарурӣ андешида, ҳамзамон, ҷиҳати пешниҳоди саривақтии эъломияҳои андоз, зиёд кардани даромади андозбандишаванда ва кам намудани шумораи соҳибкорони бефаъолият ва эъломияҳои сифрӣ дар соли 2020 тадбирҳои судмандро амалӣ менамоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Испании устроили битву мукой и яйцами



**В городке Иби в испанской провинции Аликанте прошел ежегодный фестиваль Els Enfarinats, участники которого бросают друг в друга мукой, яйцами и поджигают петарды.**

Традиции яично-мучной битвы уже 200 лет. Шуточное сражение проходит в День святых невинных младенцев вифлеемских 28 декабря. Els Enfarinats означает «обсыпанные мукой».

Согласно правилам, женатые мужчины наряжаются в военную форму и устраивают «военный переворот». Они избирают нового мэра, судей, полицейских, собирают налоги и «наказывают» тех, кто отказывается им подчиниться.

По традиции, участники фестиваля собирают с горожан и туристов деньги, которые город затем использует для благотворительной помощи.

**Источник: https://news.mail.ru**

**Масъалаи бақияи қарзи андоз ва коҳиш додани он имрӯз дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии андоз қарор дорад.**

# Коҳиши бақияи қарзи андоз

Бархе аз андозсупорандагон, сарфи назар аз таъкиду супоришҳои пайвастаи роҳбарияти мақомоти андози кишвар, ҷиҳати кам кардани бақияи қарзи андоз ба афзоиши қарзи андозҳо мусоидат карда истодаанд. Дар боробари ин кормандони мақомоти андоз кӯшиш намуда истодаанд, ки рӯз аз рӯз бақияи қарзи андозро кам намоянд.

Ин аст, ки бақияи қарзи андозҳо дар нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе бе дарназардошти Шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) ба ҳолати 1 –уми январи соли 2020 -ум 13,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли ҷорӣ 3,7 млн. сомонӣ кам гардидааст. Аз ҷумла, бақияи қарзи андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур 1,8 млн. сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 430,9 ҳазор, Фирдавсӣ 850,4 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Сино 617,3 ҳазор сомонӣ кам гардидаст.

Муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид гуфт, ки Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳр дар соли 2019 тибқи нақшаи чорабиниҳо амал намуда, зиёдшавии минбаъдаи онро пешгирӣ ва маблағи қарзи андозҳоро нисбат ба аввали соли 2019 дар ҳаҷми 3 758,4 ҳазор сомонӣ кам намуд.

Мавсуф гуфт, ки яке аз сабабҳои афзоиш ёфтани бақияпулиҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон ба таври дахлдор ва дар ҳаҷми пурра иҷро карда нашудани уҳдадориҳои андозӣ оид ба пардохт намудани маблағҳои ҳисобшудаи андоз мебошад. Сабаби дигар дар муҳлатҳои муқарраршуда ва дар ҳаҷми пурра пардохт нашудани маблағҳои ҳисобшудаи моҳонаи андозҳо мебошад.

Обиди Муҳаммадсаид таъкид намуд, ки шуъбаҳои дахлдори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳрро зарур аст, ки ҷиҳати минбаъд пурра рӯёнидани маблағҳои ҳисобшудаи андозҳои ҷории ҳармоҳа ва пешгирӣ намудани пайдоиши қарзҳои нав чораҷӯӣ намоянд.

Номбурда гуфт, ки дар ин давра тибқи тартиби муқаррароти моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ "Дар бораи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо", ба 4234 андозсупорандаи қарздор оид ба пардохти қарзи андозҳо ба маблағи 41,6 млн. сомонӣ огоҳинома ирсол гардида, аз ин ҳисоб ба буҷети шаҳр зиёда аз 17,3 млн. сомонӣ ворид карда шудааст, ки мутаносибан 41,5 фоизи маблағи огоҳиномаҳоро ташкил медиҳад.

- Мутобиқи маълумот ба ҳолати 1-уми январи 2020 шумораи андозсупорандагони қарздор дар нозиротҳои андози шаҳри Душанбе 2181 ададро ташкил медиҳад, ки аз ин 1185 адад шахси ҳуқуқӣ ва 996 нафар соҳибкори инфиродии бо шаҳодатнома фаъолияткунанда мебошад. Дар ин давра Нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур аз 563 андозсупорандаи қарздор 1531 адад огоҳинома ба маблағи 11,9 млн сомонӣ, Исмоили Сомонӣ аз 324 андозсупорандаи қарздор 1096 адад, ба маблағи 18, 8 млн. сомонӣ, ноҳияи Фирдавсӣ аз 625 андозсупорандаи қарздор 565 адад ба маблағи 4,1 млн. сомонӣ ва Сино аз 669 андозсупорандаи қарздор 1042 ба маблағи 6,6 млн сомонӣ дар бораи пардохти қарзи андозҳо огоҳинома ирсол намудаанд, - мегӯяд О. Муҳаммадсаид. – Аз ин рӯ, шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва бахшҳои ситонидани қарзи андозҳои нозиротҳои андозро зарур аст, ки ба тамоми андозсупорандагони қарздор тибқи тартиби муқарраршуда огоҳиномаҳо ирсол ва дар муҳлати муайяншуда иҷрои онро таъмин намоянд, дар ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон иҷро нашудани талаботи огоҳиномаҳо, барои татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо чораҳои мушаххас андешанд.



Гуфта шуд, ки дар соли 2019 аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳри Душанбе нисбати 555 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 15,1 млн. сомонӣ 805 адад қарори маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо қабул шудааст. Аз ҳисоби қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар давоми соли 2019 ба буҷети шаҳри Душанбе зиёда аз 13,1 млн. сомонӣ ворид шуд, ки нисбат ба маблағи дар ҳамин давраи соли 2018 воридшуда 3,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин, аз 805 адад қарори маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо иҷрои 560 адади он пурра таъмин гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар ҳаҷми 54 адад зиёд мебошад.

Ҳамзамон, аз ҳисоби қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо дар солҳои 2018 ва 2019 ба буҷет зиёда аз 14,8 млн. сомонӣ ворид шудааст. Ҳамзамон, аз ҳисоби 352 адад қарори иҷронагардидаи соли 2018 бо дарназардошти шуъбаи Нозироти андозсупорандагони миёна, ки маблағи 19,4 млн. сомониро ташкил менамуд, дар давраи ҳисоботи соли 2019 иҷрои 142 адади он пурра таъмин гардида, аз ин ҳисоб ба буҷет 11,1 млн сомонӣ қарзи андозҳо ситонида шудааст. Дар маҷмӯъ аз ҳисоби қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳои соли 2018 ва 2019 ба буҷет зиёда аз 108,7 млн. сомонӣ маблағи қарзи андозҳо ворид гардидааст.

Ба таъкиди Обиди Муҳаммадсаид яке аз масъалаи дигари нигароникунандаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ин давра ба давра афзоиш ёфтани шумораи андозсупорандагони қарздор мебошад.

Тибқи маълумот ба ҳолати 1 –уми январи соли 2020 шумораи умумии андозсупорандагони қарздор дар нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе (бе дарназардошти Шуъбаи НАМ дар шаҳри Душанбе) 2181 ададро ташкил додааст, ки нисбат ба 1 январи соли 2019 дар ҳаҷми 374 адад кам мебошад. Аз шумораи умумии қарздорон 1185 адад ба маблағи 10,3 млн. сомонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва 996 адад ба маблағи 2,9 млн. сомонӣ ба соҳибкорони инфиродӣ рост меояд. Аз шумораи умумии андозсупорандагони қарздор зиёда аз 86,3 фоизашро қарздороне ташкил менамоянд, ки қарзи андозашон то 10 ҳазор сомонӣ мебошад. Дар ин замина тазаккур додан бамаврид аст, ки руёнидани бақияпулиҳои андоз, ки маблағашон то 10 ҳазор сомониро ташкил менамояд, бе татбиқ намудани чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо имконпазир буда, танҳо аз кормандони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии нозиротҳои андоз мусъулиятшиносиро талаб менамояд.

Бо дарназардошти ин, Обиди Муҳаммадсаид таъкид менамояд, ки шуъбаҳои ситонидани қарзи андозҳо ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо нозиротҳои андоз ҷиҳати батадриҷ кам кардани шумораи андозсупорандагони қарздор, бахусус андозсупорандагоне, ки қарзи андозашон то 10 ҳазор сомониро ташкил менамоянд, ҳамчунин, чиҳати пешгирӣ намудани афзоиши он чораҷӯӣ намоянд.

Ёдовар мешавем, ки дар асоси муқаррароти қонунгузории андоз дар сурати дар муҳлати муқарраршуда иҷро нашудани уҳдадории пардохти андозҳо, аз ҷониби андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб ёфта, оид ба иҷрои уҳдадориҳо, вобаста ба пардохти андозҳо, ба онҳо огоҳинома ирсол мегардад. Аз ин рӯ, андозсупорандагонро зарур аст, ки андозҳои муқарраргардидаро мустақилона ба буҷет пардохт намоянд, ба афзоиши бақияи қарзи андоз роҳ надиҳанд ва фаъолияти худро дар доираи қонунгузории андоз ба роҳ монанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Дастрас намудани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо

**Дар заминаи татбиқи амалии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016 «Дар бораи тасдиқи шакл ва тартиби истифодаи Дафтари бақайдгирии санҷишҳо» Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектҳои хоҷагидори мамлакатамонро тавассути мақомоти ҳудудии андоз бо Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ройгон таъмин намуда истодааст.**

Ба гуфтаи сардори Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Суғд Парвиз Азизӣ, то имрӯз аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раёсати андоз дар вилояти Суғд 24 ҳазору 700 адад Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ирсол гардида, ба субъектҳои хоҷагидор дастрас карда шудаанд.

Бо дастуру супоришҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолият шурӯъ мекунанд, ҳангоми бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ дар як вақт аз ҷониби Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии шаҳру ноҳияҳо бо Дафтари бақайдгирии санҷишҳо таъмин карда мешаванд. Субъектҳои хоҷагидори дар қайди давлатибуда бояд аз нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро дастрас намоянд.

Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, шакл ва тартиби истифодаи он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016 бо мақсади таъмини шаффофияти санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидори ҷумҳурӣ ҷорӣ шудааст. Ҳангоми дастрас кардани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби кормандони мақомоти ҳудудии андоз дар мавриди тартиби истифодаи он корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида хоҳад шуд. Тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи намудҳои санҷишҳои аз тарафи мақомоти санҷишӣ гузаронидашаванда дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба қайд гирифта мешаванд. Шахсони масъули мақомоти давлатӣ оид ба санҷишҳои гузаронидашуда уҳдадоранд дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо қайдҳо гузоранд. Шахсони мансабдори мақомоти санҷишӣ дар ҳолати ворид накардани қайдҳо ба Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба санҷиш роҳ дода намешаванд. Дар ҳолати гузаронидани санҷиш бе гузоштани қайд дар Дафтари бақайдгирии санҷишҳо, натиҷаи санҷиш беэътибор ҳисобида мешавад.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА, вилояти Суғд**

# Налоговые новации 2020 года:

# ЧТО ЖДЕТ РОССИЯН И БИЗНЕС




**Радикальных изменений налогового законодательства, которые бы затронули широкие слои населения, в России в 2020 году не будет, но власти предусмотрели ряд мер «тонкой настройки», которые облегчат жизнь, прежде всего, гражданам или некрупному бизнесу. Изменения коснутся, в частности, тех, кто собрался продавать квартиру, а также тех, кто ведет свое небольшое дело.**

**Кроме того, в 2020 году заканчиваются некоторые переходные периоды по налоговым изменениям. Также, как ожидается, в этом году будут приняты новации, которые уже обсуждались в 2019 году.**

### Самозанятые и места их обитания

Действовавший в 2019 году в четырёх российских регионах специальный режим – налог на профессиональный доход, или так называемый налог на самозанятых, с 1 января 2020 года распространяется еще на 19 субъектов РФ.

Легализовать свой маленький бизнес и начать платить налоги по небольшой ставке в упрощенном порядке теперь смогут предприниматели Санкт-Петербурга, Воронежской, Волгоградской, Ленинградской, Нижегородской, Новосибирской, Омской, Ростовской, Самарской, Сахалинской, Свердловской, Тюменской, Челябинской областей, Красноярского и Пермского краев, Ненецкого и Ямало-Ненецкого автономных округов, ХМАО-Югры и Башкирии.

Предприниматели с оборотом не более 1,4 миллиона рублей в год и без наемных работников могут установить на свой смартфон приложение «Мой налог» и платить через него 4% с доходов при работе с физлицами или 6% - с компаниями. Больше никаких действий или платежей от них не потребуется.

### Квартирный вопрос

Приятные новости в 2020 году ждут граждан, которые собрались продать единственное принадлежащее им жилье: они смогут не платить с полученного дохода 13%, если это имущество принадлежало им хотя бы три года. Ранее владельцы освобождались от уплаты НДФЛ с вырученных от продажи жилья денег, если они владели им более пяти лет.

Предполагается, что благодаря сокращению предельного срока владения жильем с пяти до трех лет граждане смогут быстрее, чем раньше, улучшать свои жилищные условия. Также, по мнению экспертов, это позволит закрыть возможность уходить в серые схемы при сделках между физическими лицами.

обственникам жилья стоит внимательно следить за расчетом налога на недвижимость в своем регионе: с 2020 года по всей стране, кроме Севастополя, завершается переход на расчет налога по кадастровой, то есть рыночной, а не инвентаризационной стоимости. В результате платеж по налогу на недвижимость может вырасти для некоторых собственников – особенно если они владеют дорогой недвижимостью в историческом центре города.

Льготники, например пенсионеры, могут не беспокоиться: для них действуют необлагаемые вычеты как в отношении городских квартир, так и в отношении дачных участков и домов.

### Малый бизнес меняет режим

Наступивший новый год станет последним годом действия режима единого налога на вмененный доход (ЕНВД), но уже с 1 января 2020 года вступил в силу ряд ограничений по его использованию.

ЕНВД сейчас могут использовать предприниматели в отдельных видах деятельности: в этом случае они платят налог с вмененного им фиксированного дохода, при этом реально полученный доход значения не имеет. Срок действия ЕНВД истекает в 2021 году, и Минфин РФ заявил, что не будет продлевать его, поскольку, по данным министерства, он используется для ухода от налогообложения. А уже с 1 января 2020 года от него должны будут отказаться организации и индивидуальные предприниматели (ИП), которые в розницу торгуют обязательными к маркировке товарами. К таковым относятся меховые изделия, некоторые виды лекарств и одежды, автомобильные шины. Предпринимателям придется выбрать в зависимости от объемов бизнеса либо основной режим налогообложения, либо «упрощенку».

Ранее первый вице-премьер – министр финансов РФ Антон Силуанов обещал проводить совместно с ФНС разъяснительную работу с участниками этого режима, чтобы осуществить безболезненный переход на обычные режимы налогообложения.

### УСН навырост

Ожидается, что львиная доля предпринимателей с ЕНВД перейдет на упрощенную систему налогообложения (УСН) для малого бизнеса. Этот режим сейчас могут использовать компании, если у них меньше 100 сотрудников, а доход не превышает 150 миллионов рублей в год. На УСН можно платить 6% налога с общего дохода, либо 15% с доходов, уменьшенных на величину расходов.

Власти готовятся к массовому переходу бизнеса на этот режим и стараются сделать его максимально комфортным: с 1 июля 2020 года для предприятий на УСН отменят обязанность предоставлять отчетность в налоговую службу - ФНС посчитает и начислит им все налоги сама. Такой законопроект уже готовится в правительстве.

Предприятия с объемом выручки от 150 до 200 миллионов рублей и численностью сотрудников - от 100 до 130 человек смогут остаться на этом режиме, но платить налоги повыше: 8% при налогообложении доходов и 20% с доходов за вычетом расходов. Ожидается, что закон будет принят, одобрен и подписан в 2020 году.

### Мысли о нерезидентах

В 2020 году властям предстоит расставить точки над «i» в налогообложении граждан, которые большую часть времени проводят за рубежом и не являются налоговыми резидентами России, но получают доходы здесь. Сейчас ставка подоходного налога для них составляет 30%, но премьер поручил министерствам подумать о ее снижении до общего уровня в 13%.

При этом Минфин предложил сократить со 183 до 90 дней срок нахождения на территории РФ, при котором налогоплательщик признается налоговым резидентом страны. А если практически весь бизнес, недвижимость и капитал, то есть «центр экономических интересов» человека находится в России, то подтвердить резидентство будет еще проще.

Но окончательных решений пока нет, а значит, если эти изменения и будут приняты, они вступят в силу не раньше 2021 года.

**Источник: https://ria.ru/20200101/1563056177.html**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Транзит порожних вагонов освобожден от НДС

**Перевозка порожних подвижных составов и контейнеров через территорию России будет облагаться по нулевой ставке НДС. Норма вступает в силу с 1 января 2020 года.**

Изменения были внесены в статьи 164 и 165 части второй Налогового кодекса РФ. Ранее транзит порожних контейнеров и грузовых вагонов облагался НДС по ставке 20%.

«Данная мера направлена на снижение общих расходов при осуществлении транзитных железнодорожных перевозок и повышение привлекательности российской транспортной системы для грузовладельцев третьих стран», - пояснили «РГ» в Минтрансе.

Оплачивают порожние транзитные перевозки составов и контейнеров их владельцы, а также экспедиторские организации. Снижение стоимости перевозки позволит привлечь дополнительные объемы перевозок на российскую транспортную систему, отмечают авторы этой нормы.

Сейчас в общем объеме перевозок в сообщении Китай - Европа - Китай доля железнодорожного транзита пустых контейнеров и вагонов составляет около 20 процентов. За счет установления нулевой ставки НДС объемы перевозок контейнеров из Европы в Китай в целом могут вырасти почти в два раза. В результате экспедиционные компании получат дополнительный доход, повысятся поступления в бюджет за счет налога на прибыль.

Кроме того, нулевая ставка НДС установлена для работ и услуг, которые непосредственно связаны с перевозкой пустых составов и контейнеров. Стоимость таких товаров и услуг должна быть указана в перевозочных документах.

**Источник: https://rg.ru**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунандаро (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дод.**

# Ҳолати бақайдгирӣ ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ



Тавре дар Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар мақомоти ҳудудии андоз 34606 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (бе дарназардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ) ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 367,9 млн. сомонӣ андоз ворид гардидааст. Шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1020 нафар ва маблағи воридоти андозҳо ба андозаи 42,3 млн. сомонӣ зиёд ҷамъоварӣ шудааст.

Яке аз масъалаҳои ташвишовар дар мақомоти андоз, ин давра ба давра зиёд гардидани соҳибкорони бефаъолият, сари вақт пешниҳод нашудан ва ё ба таври сифрӣ пешниҳод шудани эъломияҳои андоз аз ҷониби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба ҳисоб меравад, ки масъулонро зарур аст, ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур чораҳои қатъӣ андешанд.

Тибқи иттилои манбаъ, дар 12 моҳи соли 2019 аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда (34606) дар ҷумҳурӣ 4109 адад ё 11,8% фоизи соҳибкорон ҳамчун соҳибкорони бефаъолият эътироф гардидаанд, ки ҳисоботи андозии худро ба тариқи афзоянда дар мӯҳлатҳои муқаррargardidai қонунгузорӣ сари вақт ба мақомоти андоз пешниҳод накарда истодаанд. Шумораи соҳибкорони бефаъолият мутаносибан дар вилояти Суғд 1500 адад ё 13,8 фоиз, вилояти Хатлон 892 адад ё 14,6 фоиз, шаҳри Душанбе 1140 адад ё 12,4 фоиз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 577 адад ё 10,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра нишондиҳандаи шумораи соҳибкороне, ки ҳисоботи андозии худро дар 12 моҳи соли 2019 ба таври сифрӣ пешниҳод кардаанд, дар миқёси ҷумҳурӣ 5387 адад ё 17,0 фоизро ташкил медиҳад ва ин нишондод дар вилояти Суғд 2670 адад, вилояти Хатлон 1092 адад, шаҳри Душанбе 919 адад ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 706 адад рост меояд.

Бояд гуфт, ки аз шумораи умумии соҳибкорони дар асоси шаҳодатнома бақайдгирифташуда 22229 адад ё 70,1 фоизи онҳо ҳамчун соҳибкорони фаъолияткунанда эътироф мегарданд, вале на ҳамаи онҳо даромадҳои воқеии худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон медиҳанд.

Аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, ки дар 12 моҳи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ даромади андозбандишавандаи 12989 нафар то 100 ҳазор сомонӣ, 7246 нафар то 300 ҳазор сомонӣ, 1266 нафар то 500 ҳазор сомонӣ, 610 нафар то 1 млн. сомонӣ ва даромади умумии 118 нафар зиёда аз 1 млн. сомониро ташкил медиҳад. Даромади умумии соҳибкороне, ки даромади андозбандишавандаи онҳо то 100 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, дар вилояти Суғд 3672 нафар, Хатлон 2952 нафар, шаҳри Душанбе 3311 нафар ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3054 нафар баробар аст.

Ҳарчанд дар қонунгузории амалкунанда тартиби гузариши андозсупорандагон аз рӯи шакли ташкилию ҳуқуқӣ (аз патент ба шаҳодатнома, аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ ё гузариши баръакс) муқаррар гардидааст, вале андозсупорандагон аз сабукиҳои қонунгузорӣ суистифода карда, бо зиёд гардидани даромади умумӣ ба хотири иваз накардани шакли ташкилию ҳуқуқии худ ба мақомоти андоз маълумоти нопурра пешниҳод мекунанд. Онҳо бо ин роҳ аз пардохти маблағи андозҳо канораҷӯӣ карда истодаанд, ки дар натиҷа, ҳолати мазкур барои татбиқи муқаррароти қонунгузорӣ ва дар маҷмӯъ, фаъолияти мақомоти андоз таъсири манфӣ мерасонад.

Раванди корҳои таҳлилию назоратӣ нишон медиҳад, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз дар маҳалҳо талаботи Кодекси андоз ва муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012, №451 дар сатҳи дахлдор таъмин нагардида, соҳибкорон бо гирифтани як патент ба воридот ва харидуфурӯши яклухти молҳо, ҳамзамон, тавассути ҳисобнома - фактураҳо аз андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда харид ё амалиёти калон анҷом додаанд, ки аз ҳадди муқарраргардида (100 ҳазор сомонӣ) барои соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда зиёд мебошад ва мутаассифона, на ҳамаи онҳо шакли ташкилию ҳуқуқии худро иваз карда ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ гузаштаанд.

Тибқи таҳлилҳои анҷомёфта, дар миқёси ҷумҳурӣ дар 12 моҳи соли 2019 ҳамагӣ 441 нафар соҳибкор фаъолиятҳои худро аз рӯи патент қатъ карда, ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ гузаштаанд. Мутаносибан нишондиҳандаи рафти гузариши соҳибкорон аз патент ба шаҳодатнома дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба 27 нафар, вилояти Хатлон 95 нафар, вилояти Суғд 99 нафар, шаҳри Душанбе 116 нафар ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар маҷмӯъ, 104 нафар баробар мебошад.

Ёдовар мешавем, ки тибқи талаботи Кодекси андоз ва қарори зикршуда ҳангоми дар давоми 12 моҳи пайдарпай аз 1 млн. сомонӣ зиёд гардидани даромади умумӣ, соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда уҳдадор мешаванд, ки ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгирии худ маълумот пешниҳод карда, фаъолияти худро ҳамчун соҳибкор аз рӯи шаҳодатнома аз санаи 1-уми моҳи минбаъда расман қатъ ва фаъолияти минбаъдаи худро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ идома диҳанд. Баррасӣ ва ҳолати иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ дар ин самт нишон медиҳад, ки рафти гузариши соҳибкорон ба шахси ҳуқуқӣ дар сатҳи паст қарор дошта, ин раванд аз тарафи аксари андозсупорандагон риоя намешавад.

Дар 12 моҳи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ аз шумораи умумии соҳибкорони бо шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳамагӣ 116 нафар бо зиёд гардидани даромади умумиашон фаъолияти худро аз рӯи шаҳодатнома қатъ карда, ба шахси ҳуқуқӣ гузаштаанд, ки ин нишондод дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 4 адад, вилояти Хатлон 24 адад, вилояти Суғд 24 адад, шаҳри Душанбе 26 адад ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҳамагӣ 24 адад рост меояд.

Масъалаи дигари нигаронкунанда ин бо дарназардошти сода будани тартиби фаъолият аз рӯи шаҳодатномаи соҳибкорӣ дар мақомоти андоз мебошад. Як гурӯҳи алоҳидаи андозсупорандагон аз беназоратии шахсони масъул истифода карда, бо мақсади канораҷӯӣ аз пардохти маблағи андозҳо фаъолияти худро аз рӯи шахси ҳуқуқӣ қатъ ва тибқи шаҳодатнома ба роҳ мондаанд, ки бо ин амал аз пардохти пурраи маблағи андозҳо саркашӣ намуда истодаанд.

Дар 12 моҳи соли 2019 дар ҷумҳурӣ 68 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома амалкунанда фаъолияти худро қатъ карда, ба патент гузаштаанд. Раванди таҳлилҳои гузаронидашуда дар мақомоти ҳудудии андоз нишон дода истодаанд, ки бо дарназардошти зиёд намудани ҳадди даромад аз 500 ҳазор сомонӣ ба 1 млн. сомонӣ афзоиши даромади умумии андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ дар сатҳи паст қарор гирифтааст ва дар баъзе ҳолатҳо даромадҳои андозбандии онҳо нисбат ба давраҳои қаблӣ коҳиш ёфта, дар мавриди дигар даромади умумии онҳо, умуман, афзоиш наёфтааст, ки дар натиҷа, ҳолати мазкур ба раванди гузариш аз як низом ба дигар низоми андозбандӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ин, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳудудии андозро вазифадор кардааст, ки камбудиҳои ҷойдоштаро бартараф карда, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати андозии андозсупорандагон семинар-машваратҳу вохӯриҳоро бештар ба роҳ монанд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Лукашенко ввел экологический налог на транзит нефти

**Президент Белоруссии Александр Лукашенко подписал постановление, в соответствии с которым в стране вводится экологический налог на транзит нефти, передает «РИА Новости» 10 января со ссылкой на пресс-службу Лукашенко.**

«Президент Беларуси Александр Лукашенко подписал указ №9 "О налогообложении". Установлена ставка налога на прибыль в размере 50%», — сообщили в пресс-службе белорусского лидера.

Представители администрации президента отметили, что данная мера вводится с целью формирования источника денежных средств для устранения экологических последствий в случае возможных аварий на нефтепроводе.

Также экологический налог обеспечит поддержку нефтегазовых компаний Белоруссии при возникновении форсмажорных ситуаций.

Накануне, 9 января, источники назвали объем поставок нефти из России в Белоруссию до конца месяца. По их данным, в январе Россия поставит в Белоруссию еще около 600 тыс. т нефти.

Ранее в тот же день президент Белоруссии Александр Лукашенко обвинил Россию в планах продавать Белоруссии нефть по завышенной цене. «Почему мы до сих пор с президентом России не договорились по нефти? Потому что Россия хочет, чтобы мы купили у них нефть по ценам выше мировых. Где это видано?» — отметил Лукашенко.

6 января сообщалось, что белорусский нефтеперерабатывающий завод (НПЗ) «Нафтан» начал переработку российской нефти при сохранении минимальной загрузки завода.

4 января заместитель главы белорусского концерна «Белнефтехим» Владимир Сизов рассказал, что республика рассчитывает получить от России в январе 650 тыс. т нефти. Тогда же «Белнефтехим» заявил о закупке первой партии нефти в России. Отмечалось, что покупка будет производиться по цене, исключающей премию поставщикам.

**Источник: https://news.mail.ru**

# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408



## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии “Амонатбонк” қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба таври автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозиротҳои андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯихати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.




**Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»**

## ҶОМЕА

# Муборизаро бо террористон вусъат бахшем

**«Амалҳои даҳшатноки террористӣ, ки солҳои охир дар гӯшаҳои гуногуни олам содир гардида, боиси марги ҳазорон одамони бегуноҳ шуда истодаанд, возеҳ нишон медиҳанд, ки терроризм имрӯзҳо ба таҳдиди воқеиву ҷиддӣ ба амнияту суботи ҷаҳон ва пешрафти инсоният табдил ёфтааст»,** - омадааст дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бале, инсоният дар симои терроризми байналмилалӣ бо душмани бераҳму шафқате рӯ ба рӯ омадааст, ки тамоми меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои умумиинсониро поймол карда, барои расидан ба ҳадафҳои худ аз ягон вахшоният рӯй намегардонад.

Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд.

Суоле ба миён меояд, ки ташвиқгарони созмонҳои террористӣ бештар дар куҷо ва бо кадом усул кор мебаранд? Оё онҳо дар мактабу донишгоҳҳо, боғу гулгаштҳо ва ё дар кучаю бозорҳо фаъолият мекунанд? Албатта, ба ин суол касе ҷавоби мушаххас дода наметавонад.

Аз суҳбат бо муҳоҷири тоҷик бармеояд, ки ин “тарғибгарони модаркуш” аксар вақт амалиёти худро дар вокзалу фурудгоҳҳои байналмилалии Россия, ки он ҷо аксар ҷавонон рафту омад мекунанд, мегузаронанд.

- Бисёр хуб мешуд, агар корҳои тарбиявию тарғиботиро бештар дар байни муҳоҷирони тоҷик, ки ба сафари шаҳрҳои Россияу дигар мамлакатҳои дуру наздик мераванд, роҳандозӣ намоем, - мегуфтанд муҳоҷирони ба Ватан баргашта. Онҳоро қаблан аз мароми мақсади тарғиботчиёни террорист огоҳ созем, ба онҳо мушаххас бифаҳмонем, ки террористон душманони тамоми халқу миллатҳои рӯи заминанд. Онҳоро на модар асту на миллат ва на Ватан ҳасту дину тариқат...

Воқеан, гирифтани пеши роҳи ҳар амали номатлуб кори хайру савоб аст ва дар ин роҳ мебояд ҳама сарҷамъу ҳамақида бошанд. Вобаста ба ин, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бори дигар таъкид намуданд, ки **«Шарти муҳими ба даст овардани муваффақият дар мубориза бо терроризм ва экстремизм фаъолияти ҳамоҳангшудаву босамари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тақвияти заминаҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти онҳо дар ин самт мебошад».**

Аз ин дастурҳои Пешвои миллат метавон дарёфт, ки мубориза алайҳи терроризм ва ифротгарой натанҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, балки вазифаи ҷонии тамоми ҷомеа мебошад.

**М. ТАБАРЗОДА**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 4. Ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Кодекси нави андоз

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Ҷараёни ислоҳоти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мутобиқи супориши паёмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2011) аз ҷониби Комисссияи махсус бо мақсади таъмини устувории воридоти даромадҳои буҷети давлатӣ, инчунин дастгирии фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ бо роҳи бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва таъмини шаффофияти андозбандӣ, оммафаҳм ва сода намудани тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо, баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андозбандӣ ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои пинҳонкунии андозҳо таҳия шудааст.

Сиёсати андоз дар асоси дастуру супоришҳо ва роҳнамоии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Ҳукумати мамлакат имрӯз хуб роҳандозӣ шудааст. Системаи андозу буҷет механизмҳое мебошанд, ки тавассути онҳо давлат ниёзмандиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро ҳаллу фасл менамоянд. Манфиатҳои миллии Тоҷикистон танҳо дар асоси рушди устувори иқтисодиёт ва фаъолияти самараноки системаи андоз имконпазир мебошад.

Бояд қайд кард, ки Кодекси андози амалкунанда бо дарназардошти тағйиру иловаҳое, ки бо мақсади такмил додани муқаррароти он то имрӯз ворид карда шудаанд, самтҳои асосии маъмурикунонии андоз ва қонунгузории андозро, дар маҷмӯъ, дуруст ифода намудаaанд. Бо вуҷуди ин, тағйирот дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, раванди ислоҳоти иқтисодӣ, рӯз аз рӯз зарурати бештар мавриди амал қарор додани технологияи муосири иттилоотӣ дар муомилоти андозӣ, заминагузорӣ барои дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва омилҳои дигар зарурати таҳияи таҳрири нави Кодекси андози ҷумҳуриро ба миён оварданд.

Бояд гуфт, ки бо дарназардошти таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав меъёрҳои қонунгузории андоз аниқтар гардида, системаи андози ҷумҳурӣ такмил дода шуда, барои ба буҷети давлатӣ сари вақт ва пурра ворид карда шудани маблағҳои пешбинишудаи даромадҳои андозӣ шароити мусоиди андозсупорӣ муҳайё карда мешавад. Инчунин, қонунгузории андоз, давраи гузариши пурра ба муносибатҳои бозаргонӣ нисбатан устувор гардида, барои субъектҳои соҳибкории хурд низоми мукаммалтари содакардашудаи андозбандӣ ҷорӣ мегардад. Умуман, дар кишвар чунин як мақомоти қавию касбӣ ва иттилоотноки андоз ташкил мешавад, ки барои пешгӯии аниқи маблағҳои андозии воридшаванда, таҳлили ҳамаҷонибаи мақсаднокӣ ва дараҷаи истифодашавии имтиёзҳои андоз ва пешгирӣ гардидани бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо омода хоҳад буд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ**
**«Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



# Китоб- манбаи варзиш барои майнаи сар

**Тадқиқоти анҷомдодаи олимон исбот кард, ки китоб омили хубе бар зидди стресс мебошад.**

Нейробиологҳо чунин мешуморанд, ки хондани китоб амали одӣ нест. Шинохту хондани ҳарфу ҳиҷову калимаҳо ва дарки матни азбаршуда ҳашт қисмати майнаи сарро ба кор даровaрда, муносибати нейронҳоро фаъол мекунад.

Хониши китоб стрессро то 68 дарсад фурӯ менишонад. Ҳамчунин, китобхонӣ мушакҳоро суст ва набзи инсонро муътадил мегардонад. Онҳое, ки ба сифати дармон шунидани мусиқиро интихоб намуда буданд, стрессашонро то 61 дарсад ва касоне, ки чойнӯширо авлотар дониста буданд, то 54 дарсад фурӯ нишонда тавонистанду халос. Ҳамин тавр, сайругашт натиҷаи 42 ва бозиҳои видеоӣ 21 дарсад коҳиш додани стресс шуд.

Равиши хониш тахайюлро низ ба таҳрик оварда, инсонро ба эҷодкорӣ ҳидоят менамояд. Мутахассисон хондани китобро барои солхӯрдагон амали ҳатмии ҳаррӯза мешуморанд.

# ПУЛИ АФСОНАВӢ



**Бо дарозии 36 километр тӯлонитарин пулест, аз болои уқёнус убур намуда, аз халиҷи Ханчжоу мегузарад.**

Намудаш низ зебост, ба шакли ҳарфи S сохта шудааст. Яке аз пулҳои зебо дар ҷаҳон ҳисобида мешавад. Халиҷи Ханчжоу дар баҳри Шарқи Чин ҳамчун муъҷизаи табиӣ ном баровардааст. Оби он ҷараёни тез дошта мавҷҳои бузургро ба вуҷуд меорад. Дар байни иншооти бунёдёфта ҷазирачаест бо масоҳати 10000 метр. Аз ин ҷо тамошои пул ба истироҳаткунандагони бешумор ҳаловат мебахшад.

# Суханони ҳакимона

Офтоб ба гиёҳе ҳарорат медиҳад, ки сар аз хок берун оварда бошад.

x x x

Бештар онҳое муваффақият ба даст овардаанд, ки камтар таъриф шунидаанд.

x x x

Он ки мехоҳад рӯзе паридан омӯзад, нахуст мебояд истодан, роҳ рафтан, давидан ва боло рафтанро омӯзад, зеро парвозро бо парвоз оғоз намекунанд.

x x x

Он чӣ мардумро донишманд мекунад, матлабе нест, ки мехонанд, балки чизҳоест, ки ёд мегиранд.

x x x

Ақли инсон се калид дорад, ки ҳама чизро мекушояд: дониш, андеша ва тахайюл.

# Панди рӯзгор

Мӯйсафеде кӯдаконро ниҳоят дӯст медошт ва пайваста ба онҳо туҳфа медод. Ҳадяҳо бисёр нозук буданд. Ҳангоми бозӣ ҳарчанд эҳтиёт менамуданд, аммо бозичаҳо мешикастанд. Ин ҳолат боиси ғамгинӣ ва гиряи онҳо ҳам мешуд.

Пирамард баъди чанд рӯзе бозичаҳои аз ин ҳам нозуктарро ба онҳо тақдим мекард. Волидони бачаҳо дар тааҷҷуб афтоданд ва назди мӯйсафед омада гуфтанд: «Мо медонем, ки ту марди наҷибӣ. Фарзандони моро дӯст медорӣ ва ба онҳо некӣ мехоҳӣ. Аммо барои чӣ ба онҳо чунин туҳфаҳои нозук ҳадя менамоӣ? Бозичаҳо бисёр зебоянд, лекин зуд мешикананд ва боиси гиряи онҳо мегарданд».

Пири хирад бо нимтабассуми зебое гуфт: «Солҳо мегузаранд. Нафароне ёфт мешаванд, ки ба онҳо қалб, муҳаббат ва ҳатто зиндагияшонро мебахшанд, ки аз ҳадяҳои ман дида нозуктаранд.

Шояд туҳфаҳои ман онҳоро ба эҳтиёткорона муносибат кардан нисбат ба падару модар, ёру бародар ва дӯстдоштаҳояшон омода созанд».

# Сокинони кишвари Ҳиндустон нафақа намегиранд

Танҳо 12 фоизи ҳиндуҳо метавонанд худро расман нафақахӯр биҳисобанд. Категорияи ниҳоят ҳифзшуда – хизматчиёни давлатӣ мебошанд, ки дар синни 60 – солагӣ ба истироҳат мебароянд. Андозаи нафақаи калон баробар аст ба ду ҳазор рупий. Аз соли 2004 ҳукуматдорони ҳиндӣ мекӯшанд ислоҳоти нави нафақаро ҷорӣ намоянд, то бори буҷети давлатиро сабук намояд.

Ислоҳоти нафақа ба механизми шаклгирии нафақа дахл мекунад. Акнун он аз ду қисм иборат аст: молияи соҳибкорӣ ва пардохти довталабонаи кормандон. Ислоҳот танҳо як дарсади ҳиндуҳои коргарро фаро мегирад. Дар зимн, на ҳамаи кормандон ихтиёран пул пардохт менамоянд ва чунин ҳолат, бешубҳа, ба андозаи нафақаи онҳо таъсири манфӣ мегузорад.

# Ҳар зарба - ним миллион доллар





**Оморнависи риштаи бокс - Дэн Каноббио дар натиҷаи ҷустуҷӯи зиёд муайян кард, ки собиқ Чемпиони ҷаҳон оид ба бокс Флойд Мейвезер давоми 10 сол (солҳои 2010 – 2020) дар ҳар як зарбаи самаранокаш чӣ қадар маблағ ба даст овардааст.**

Муштзани 42 - солаи амрикоӣ дар ин муддат 10 қувваозмоӣ баргузор намудааст, ки дар натиҷа 4270 зарба ҷониби рақибон равон карда, аз он 1833 зарба ба ҳадаф расидааст. Ҳамин тавр, Мейвезер дар ин набардҳо 915 миллион доллари ИМА ба даст овардааст, ки ҳар як зарбаи банишонрасондааш зиёда аз 499 ҳазор доллар арзиш пайдо мекунад.

Қаблан маҷаллаи «Forbes» Флойд Мейвезерро сарватмандтарин варзишгари даҳсолаи охир эълон намуда буд.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроғa: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

***Индекс: 68930***

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 60 330**